Серия: Моликияти зеҳнӣ барои корчалонӣ | Рақами : 3










# ОЯНДАРО ИХТИРОЪ НАМУДА

## Муқаддима ба мавзӯи «Патентҳо барои ташкилотҳои хурд ва миёна»

Маркази миллии патенту иттилоот

# Пешгуфтор

Дастури мазкур нашри сеюм аз силсилаи дастурҳои «Моликияти зеҳнӣ барои тиҷорат» мебошад. Он ба патентҳо бахшида шуда, воситаи асосии афзоиши (нумӯи) имкониятҳои ширкат барои ба дастории фоидаи зиёдтарин (максимали) аз ғояҳои нав ва инноватсионӣ ва имкониятҳои технологӣ мебошад. Идоракунии захираҳои дониш, хусусан ғояҳои нав ва консепсияҳо барои қобилияти ҳар як ширкат дар дигаргункунӣ, мутобиққунӣ (адаптатсия) ва истифодаи имкониятҳои нав дар шароити рақобат дар муҳити-тиҷоратии зуд дигаргуншаванда, аҳамияти муҳим дорад..

Дар иқтисоди муосир, ки ба донишҳо асос ёфтаанд, стратегияи патентии ширкати нававар бояд қисмати асосии стратегии фаъолияти кории ӯ бошад. Дастурамали мазкур ба шакли оддӣ ва осон манфиати тиҷоратии системаи патентиро барои тамоми намудҳои корхонаҳо маънидод мекунад (шарҳ медиҳад). Ба хонандагоне, ки хоҳиши гирифтан, истифода кардани патент ва ё ҳифзи ҳуқуқии патентро доранд, тавсия дода мешавад то барои гирифтани маслиҳат ба мутахассиси оид ба корҳои патентӣ, муроҷиат намоянд.

Дастурамал маълумоти характери амалӣ доштаро дорад, ки бояд танҳо ба хонанда дар фаҳмидани асосҳои он, ки ба чунин мутахассис муроҷиат карда истода, онҳо тавонанд саволҳои худро босаводона ифода кунанд. Корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) метавонанд ин Дастурамалро ба воситаи (бо роҳи) ворид намудани стратегияҳои коркардаи худ дар соҳаи технология ва ҳифзи патент дар комплексҳои тиҷорат-стратегия, стратегияи маркетинг ва экспорт (содирот) истифода баранд.

СУМЗ умедвор аст, ки аз хонандагон барои дар оянда беҳтар намудани мазмуни ин Дастурамал тақризҳо бигирад, то ин ки дар ҳаҷми пурра талаботҳои (ҳоҷати, ниёзи) тамоми давлатҳои ҷаҳон қаноатманд карда шаванд. Вариантҳои ин Дастур, ки барои татбиқ ба давлатҳои гуногун адаптатсия карда шудаанд, метавонанд дар ҳамкорӣ бо созмону муассисаҳои миллӣ, ки дар гирифтани машварат бо чунин адаптатсия кор мекунанд, бояд ба СУМЗ муроҷиат намоянд.
Созмони умумиаҳонии моликияти зеҳнӣ.

## Мундарича

ҳ

1. Патентҳо ба ихтироъҳо 3

2. Чӣ тавр бояд патент гирифт 16

3. Патенткунонии хориҷӣ 30

4. Ба муомилаи савдо (тиҷоратӣ) баровардани технологияҳои патенкунонидашуда 34

5. Ҳимояи ҳуқуқҳои патентӣ 39

www.wipo.int/sme/



# 1. Патентҳо ба ихтироъҳо

## Патент ба ихтироъ чист?

Патент ба ихтироъ ҳуқуқи истисноиро, ки давлат ба ихтироъе, ки нав мебошад, сатҳи ихтирокорӣ дорад ва дар саноат татбиқшаванда мебошад пешниҳод менамояд, тасдиқ мекунад. Патент ҳамчунин аввалияти ихтироъ ва муаллифи ихтироъро тасдиқ менамояд.

Патент ба дорандаи он ҳуқуқи истисноӣ медиҳад, ки барои аз ҷониби дигарон тайёр кардан, истифода бурдан, барои фурӯш пешниҳод кардан, фурӯхтан ва ё ворид кардани маҳсулот ва ё тарзи дар асоси ихтироъи патентнок кардашударо бе иҷозати пешакии аз доранда гирифташуда ва ё чунин амалҳоро монеъ шавад. Патент барои ширкатҳо олоти боқудрат (тавоно) барои тиҷорат кардан бо мақсади ба даст овардани ҳуқуқҳои истисноӣ ба маҳсулоти нав ва ё тарзи нав, ғалабаи мавқеи устувор дар бозор ва фоидаи иловагӣ дар натиҷаи фаъолияти литсензионӣ мебошад. Маҳсулоти мураккаб (ба мисли кинокамера, телефонии мобилӣ ва ё автомобил) метавонад дар худ як қатор ихтироъҳои бо якчанд патент ҳифзшударо дошта бошад, ки ба соҳибҳуқуқони гуногун тааллуқ доранд.

Патентро идораи патентии миллии ҳар як давлат ва ё идораи патентии минтақавии якчанд давлатҳо медиҳад. Вай дар мӯҳлати маҳдуд, аслан дар давоми 20 сол аз санаи пешниҳоди арзнома, ҳангоми саривақт пардохт намудани боҷҳои муқарраршуда барои ба эътибор нигоҳ доштани патент амал мекунад. Патент ҳуқуқи территориявиро дорад, ки бо сарҳадҳои ҷуғрофии давлатҳо ва ё минтақаҳои мувофиқ маҳдуд мебошад.

Ба «ивази» ҳуқуқи истисноӣ ба патент ба ихтироъ, аризадиҳанда бояд моҳияти ихтироъро барои ҷамъият кушояд, дар арзнома ба патент тавсифномаи пурраи ихтироро аниқ ва ботафсил хаттӣ баён кунад. Маълумот оид ба патенти додашуда, дар бисёри давлатҳо бошад маълумот оиди арзнома ба патент низ дар нашрияҳои расмӣ чоп карда мешавад.



Кушоданак барои нӯшокиҳои пурҷӯш, ки аз ҷониби ихтирокорони аргентинӣ Уго Оливейр, Роберто Кардон ва Эдуардо Фернандес офарида шудааст, дар зиёда аз 20 давлати ҷаҳон патентнок карда шудааст. Истеҳсоли силсилавии маҳсулот таҳти тамғаи молии Descorjet дар тамоми дунё аз ҷониби ширкате, ки ихтирокорон таъсис додаанд, ба роҳ монда шудааст.



Истеҳсолкунандаи кореягии тоскулоҳ барои мототсиклистҳо, ширкати HJC, дар тамоми дунё 42 патент дорад, ки ба тоскулоҳҳои навоваронаи ӯ дода шудааст ва дар бозорҳои беруна, ки қариб 95% маҳсулоти худро мефурӯшад, муваффақияти бузург дорад. Ширкат 10% аз ҳаҷми фурӯши худро барои гузаронидани КИТТК ҷудо мекунад ва ба инноватсияҳо – чун омили асосии ноил шудан ба муваффақият дар индустрияи истеҳсоли тоскулоҳҳо, диққати калон медиҳад.

## Ихтироъ чист?

Лексикаи патентиро истифода намуда, аслан ихтироъро ҳамчун ҳалли нав ва инноватсионии проблемаи техникӣ муайян мекунанд. Вай метавонад ба эҷоди сохтори нав, маҳсули нав, тарзи нав ва ё мукаммалгардонии минбаъдаи маҳсул ва ё тарзи алакай маълум мансуб дошта бошад. Одатан кашфи он чи ки алакай дар табиат мавҷуд аст, аслан ихтироъ нест, чунки дар эҷоди он бояд элементҳои зеҳни (зиракии) инсон, маҳорати эҷодӣ ва ихтирокории инсон ҷой дошта бошанд.

Ҳангоме, ки аксарияти ихтироъҳои муосир натиҷаи корҳои муҳим ва инвеститсияҳои дарозмуддат ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (КИТТК) мебошанд, ҳатто бисёрии мукаммалгардониҳои техникии на он қадар қиммат ва оддии арзиши калони бозорӣ дошта ҳам ба ихтирокорон ва ё ширкатҳо даромад ва фоида меоранд.

## Қувваи ҳаракатдиҳандаи инноватсияҳо

Фарқияти байни «ихтироъ» ва «инноватсияро» фаҳмидан муҳим аст. Ихтироъ ба ҳалли техникии масъала дар соҳаи муайяни техника мансуб аст. Вай метавонад ғояи инноватсионӣ бошад, ҳамчунин модели корӣ ва ё намунаи таҷрибавӣ бошад. Инновация – ин ихтироъро то лоиқи ба фурӯш баровардани маҳсулот ва ё тарз мебошад. Сабабҳои асосии, барои чӣ ширкатҳо ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, чунинанд:

- батакмилдарории ҷарайёнҳои истеҳсолӣ бо мақсади кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- баровардани маҳсулоти наве, ки талаботи харидоронро қонеъ мегардонад;
- рақибонро пешгирӣ кардан ва/ва ё сегменти бозори худро васеъ кардан;
- таъмини мувофиқати технологияҳои коркардашаванда ба талаботҳои фаъолияти иқтисодии корхона ва супоришгарон мавҷуда ва пайдошаванда;
- пешгирии вобастагии технологӣ аз дигар ширкатҳо.

Дар иқтисоди муосири идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона донистани дониши хуби системаи патентӣ талаб карда мешавад, то ин ки потенсиали эҷодӣ ва инноватсионии худро истифода карда, он тавонад фоидаи максималӣ гирад (ба даст орад), бо дигар дорандагони патентҳо муносибатҳои фоиданоки ҳарифиро ташкил кунад (ба роҳ монад) ва аз ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии технологияҳои ба шахсони дигар мансуббуда канор гирад.

## Барои чӣ оиди патентноккунии ихтироъ бояд фикр кард?

Доираи кутоҳи ҳаёти маҳсулот ва тамоми рақобатҳои афзоянда ба корхона таъсири калон мерасонанд, ки онҳо маҷбур мешаванд дар роҳи рушди инноватсия ҷойгиранд ва барои роҳ ёфтан ба инноватсияҳои дигар корхонаҳо кушиш намоянд, то ин ки рақобатпазирии худро дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ нигоҳ доранд. Ҳуқуқҳои истисноие, ки патент медиҳад, метавонанд аҳамияти ҳалкунанда барои гулгулшукуфии ширкатҳои иноватсионӣ ба қувваи талабшаванда, хатарнок ва муҳити тиҷоратии тараққикунандаи серамал дошта бошад.

Сабабҳои асосии патентноккунии ихтироъҳо:

- Мавқеи устувор дар бозор ва бартариҳои рақобатӣ Патент ба дорандаи он ҳуқуқҳои истисноии аз ҷониби дигарон истифода бурдани ихтироъи патентнокшударо ба мақсадҳои тиҷоратӣ монеъ мешавад ва ё чунин истифодабариро манъ мекунад, ки нобаварӣ, хатар ва рақобатро аз ҷониби шахсони дигар, ки ба истифодаи ғайриқонунӣ ва ё тақлиди (такрори) маҳсулоти патентнокушуда машғуланд, кам мекунад. Агар ширкати шумо ба ихтироъи патентнок кардашуда, ки арзиши баланд дорад, ҳуқуқҳои истисноӣ гирифта бошад, вай метавонад бо ин ба рақибони худ, ки нияти ба бозор бо чунин ҳалли техникиро (ихтироъи патент нокардаро) доранд монеӣ орад. Ин ба шумо мадад мерасонад, ки мавқеи баландро дар сегменти мувофиқи бозор ишғол намоед.
- Фоидаи зиёд ва ё даромадҳо аз маблағгузориҳо. Агар ширкати шумо барои гузаронидани КИТТК вақту маблағи зиёд сарф карда бошад, хифзи патентии ихтироъҳои офаридашуда ёрӣ медиҳад, ки ин хароҷотҳо баргардонида шаванд ва даромадҳои зиёде аз маблағгузориҳои таъиншуда гирифта шавад.
- Воридоти иловагӣ аз фаъолияти литсензионӣ ва ё вогузории патент. Чун дорандаи патент шумо метавонед ба ихтироъ ба дигар шахсон литсензия ба ивази гирифтани пардохти якбора ва/ва ё маблағҳои аз литсензия (иҷозатнома) ҷудошуда (роялтӣ), ки сарчашмаи воридотҳои иловагӣ барои ширкат мебошад, (иҷозатнома) диҳед. Фурӯши (ва ё гузашти) патент маънои гузашти ҳуқуқи моликиятро дорад, ҳангоме, ки литсензонӣ танҳо маънои иҷозат додан ба истифодаи ихтироъ бо шартҳои дар шартномаи литсензионӣ нишондодашударо дорад.
- Иҷозат ба технологияҳо бо роҳи иҷозатномаи чандтарафа. Агар ширкати шумо ба гирифтани технологияҳои нави ба дигарон тааллуқдошта ҳавасманд бошад, шумо метавонед патентҳои ба ширкати шумо мансуббударо барои гузаронидани гуфтушуниджо доир ба бастани шартнома дар бораи иҷозатномаи чандтарафа дар ҳудуде, ки ҳарду тараф ҳамзамон ҳуқуқи истифодаи як ва ё якчанд патентро, бо шартҳои дар шартнома муайяншуда, ҳосил мекунанд.
- Рӯхсат ба бозорҳои нав. Литсензионии патентҳо (дар як қатор давлатҳо ҳамчунин арзномаҳои барои гирифтани патент баррасишаванда) аз ҷониби дигар ширкатҳо метавонад ба шумо ба бозорҳои нав, к ибо дигар роҳ имконнопазиранд, иҷозат диҳад. Барои ин ихтироъ бояд дар хориҷа хифзи патентӣ гирад.

www.wipo.int/sme/

- Хатари ками вайронкунии ҳуқуқ. Бо роҳи гирифтани ҳифзи патентӣ метавон ба дигар шахсон барои патентноккунии ҳамин гуна ихтироъ сади роҳ шуд, ҳамчунин эҳтимолияти вайронкунии ҳуқуқи дигар шахсонро ҳангоми истифодаи маҳсулоти худ бо мақсади тиҷорат кам кард. Ҳангоме, ки худи патент «истифодаи озодро» намедиҳад, он ба дигар шахсон дар патентноккунии ҳамин гунна ва ё шабеҳ ихтироҳо монеа мешавад ва тасдиқ менамояд, ки ихтироъи патентнок кардашуда нав мебошад ва моҳиятан аз «сатҳи маълуми техника» фарқ мекунад (муфассалтар оиди сатҳи техника ба саҳ. 12 нига.).
- Имкониятҳои афзуда дар ҷалб намудани ёрии молӣ ва/ва ё маблағгузорӣ бо миқдори фоизи мақбул. Ҳуқуқи хусуси ба патентҳо (ва ё гирифтани иҷозатнома барои истифодаи патентҳо, ки ба шахсони дигар тааллуқ дорад) метавонад ба пешрафти (инкишофи) имкониятҳо дар ҷалбкунии воситаҳои маблағӣ барои пешрафти маҳсулот дар бозор мусоидат менамояд. Дар баъзе соҳаҳо (масалан, биотехнология) барои ҷалб кардани маблағгузорони венчурӣ бисёр вақт зарурати гирифтани як қатор патентҳо ба миён меояд.
- Воситаи пуриқтидор барои қабули чораҳо ба вайронкунандагони ҳуқуқ. Бо мақсади муҳофизати пурсамари ҳуқуқи истисноие, ки патент медиҳад, баъзан метавонад зарурати тафтишоти судӣ ва ё расонидани маълумот оиди патентҳои доштаи худ то шахсоне, ки ҳуқуқҳои патентии ба шумо тааллуқдоштаро вайрон мекунанд, пайдо шавад. Мавҷудияти патент имкниятҳои бомуваффақият баррасӣ шудани парвандаҳои судиро нисбати шахсоне, ки бо ягон тариқ ҳуқуқҳои ба ихтироъи патентнок кардашуда вайронкунандаро хеле зиёд мекунад.
- Имиджи мусбии корхона. Шарикони тиҷоратӣ, маблағгузорон (инвесторон), аксионерҳо ва муштариён мавҷудияти патентҳои зиёдро, ки ба шумо тааллуқ доранд, ҳамчун шаҳодатномаи сатҳи баланди салоҳиятнокӣ (соҳибхуқуқии), тахассусӣ ва имкониятҳои техники ширкат қабул мекунанд. Ин метавонад барои ҷалб кардани воситаҳои пулӣ, ҷустуҷӯи ҳамроҳон, баланд бардоштани имидж ва арзиши бозории ширкати шумо хеле муфид бошад. Баъзе корхонаҳо патентҳои худро дар реклама барои офаридан ва то ба маълумоти асеъи омма расонидани имиджи ширкати худро чун корхонаи инноватсионӣ зикр менамоянд ва нишон медиҳанд.



Патенти № US2002137433. Пармакунаки нававаронае, ки барои шиша ва керамикаро сурох мекунад истифода бурда мешавад, аз ҷониби ихтирокори перуӣ Хосе Видал Мартин патентонида шудааст, мукофоти баландро сазовор шудааст. Гирифтани патент ба ихтирокор имкон дод то маҳсулро дар истеҳсолот ба таври сериявӣ ба роҳ монад ва дар натиҷаи литесензионии ихтироъ роялтӣ гирад.

## Кадом имкониятҳои ҳуқуқӣ барои муҳофизати маҳсулот мавҷуданд?

Дастури мазкур диққатро ба ихтироъҳо ҷалб мекунад. Вале, вобаста аз намуди маҳсулот метавонанд дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳам, ки нисбати маҳсулоти инноватсионӣ боиси ҳифз мебошанд, истифода бурда шаванд, амсоли:

- Моделҳои муфид (ҳамчунин чун «патентҳои кутоҳмуддат» маълуманд, «патенти хурд ва ё нахустпатент» ва ё «патентҳои инноватсионӣ». Дар бисёр давлатҳо баъзе шаклҳои нисбатан на он қадар калон ва ё такмилҳои ками (хурди) дар маҳсулоти аллакай мавҷудбуда, ба сифати модели судманд ба ҳифз воҷиб мебошанд (ба замима дар саҳ. 10 нигa.). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои модели судманд фаҳмиши нахустпатент (патенти хурд), ки ба муддати 10 сол ба ихтироъ бо нави локалӣ дода мешавад, истифода бурда мешавад..
- Сирри тиҷоратӣ. Маълумоти конфиденсиалӣ, к ибо бурдани тиҷорат вобаста аст, метавонад чун сирри тиҷоратӣ ҳифз карда шавад, агар:
  - он барои шахсони дигар, ки ба ин намуди иттилоот муносибат доранд, маълум набошад;
  - вай арзиши тиҷоратӣ дорад, азбаски махфӣ мебошад; ва
  - дорандаи он чораҳои зарури мебинад, то ин ки онро махфӣ нигоҳ дорад (масалан, иҷозат ба чунин маълумот дар асоси «рухсат дар ҳолати зарурӣ» ва бастани шартнома оид ба махфият ва ё накушодани моҳияти ихтироъ) (ба замима дар саҳ 9 нига.).
- Намунаҳои саноатӣ. Ҳуқуқи истисноӣ ба тарҳи бадеию-конструкторӣ, ки ба намуди зоҳирии маҳсулот вобаста аст, метавонад бо роҳи ҳифзи намунаи саноатӣ, ки дар баъзе амлакатҳо «патентҳо ба намунаҳои саноатӣ» номида мешавад, гирифта шавад.
- Тамғаҳои молӣ. Тамғаи молӣ ба дорандаи он ҳуқуқи истисноӣ ба нишонае, ки қобилияти фарққунонии молҳои як корхонаро аз молҳои корхонаи дигар дорад, медиҳад.
- Ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста. Ба асарҳои бадеӣ ва адабии оригиналӣ метавонад, дар чорчӯбаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, ҳифз дода шавад. Ҳифзи муаллифӣ-ҳуқуқӣ ба доираи васеи асарҳо, ба қатори онҳое, ки барномаҳо барои МЭҲ дохил мешаванд, татбиқ карда мешавад (ба замима дар саҳ. 11 нига.).
- Навъҳои нави растанӣ. Дар бисёри мамлакатҳо селексионере, ки навъи нави растаниеро сабзонидааст, ки ба талаботи навӣ, фарқиятнокӣ, якшаклӣ ва устуворӣ бо номи мақбули навъ, метавонад ҳифзро дар шакли «ҳуқуқи селексионер» гирад. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растанӣ нига. ба: www.upov.int
- Топологияи микросхемаҳои интегралӣ. Шумо метавонед ба топологияи микросхемаҳои интегралии оригиналӣ, ки дар микрочипҳо ва микросхемаҳои нимноқилӣ истифода бурда мешаванд, ҳифз гиред. Чунин ҳифз метавонад ҳамчунин ба маҳсулоти тайёр, ки дар худ микросхемаи интегралӣ дорад, паҳн шавад..

## Агар ихтироъ патентпазир бошад, оё ҳамеша ҳифзи патентӣ зарур аст?

Не, на ҳамеша. Агар ихтироъ бо патент ҳифз шуда тавонад, яъне патентпазир бошад, комилан зарур нест, он ба офаридани технология ва ё маҳсулоти арзиши тиҷоратӣ дошта оварда расонад. Бинобар ҳамин то пешниҳоди арзнома ба патент муҳим аст ҳама ҷиҳатҳои «тарафдор» ё «зид»-и патентноккуниро дақиқ баркашед ва имкониятҳои алтенативиро таҳлил намоед. Гирифтани патент, ба эътибор нигоҳ доштани он ва ҳимояи ҳуқуқҳои патентӣ метованад кори қиммат ва мушкил гардад. Пешниҳод кардан ва ё накардани арзнома ба патент ин соф қарори (ҳалли) тиҷоратӣ мебошад. Вай бояд, алалхусус, ба имкониятҳои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз ҳифзи ихтироъ, ки эҳтимол дар натиҷаи ҳадалимкон тиҷоратикунонии ихтироъ, бартарияти афзалтаре пешниҳод кунад, асос ёфта бошад.
Ҳангоми қабули қарор нисбати он ки оё ба патент арзнома пешниҳод карда шавад, ҳатман омилҳои зеринро бояд ба назар гирифт:

- Оё барои ихтироъ бозор мавҷуд аст?
- Кадом алтернативаҳо ба ихтироъи шумо мавҷуданд ва чи тавр онҳо бо ихтироъи шумо қиёспазиранд?
- ІОё ихтироъ барои мукаммалгардонии маҳсулоти аллакай мавҷудбуда ва ё коркарди нав ба кор меояд?
- Агар ҳа, пас чи тавр вай ба бизнес-стратегияи ширкати шумо барилова навишта мешавад?
- Оё литсензиатҳои потенсиалӣ ва ё маблағгузорони (инвесторҳо), ки мехоҳанд дар пешрафти ихтироъ дар бозор иштирок кунанд, мавҷуданд?
- То чи андоза ихтироъ барои ширкати шумо ва барои рақибон арзанда мешавад?
- Чи қадар бо тарзи «лоиҳакашии баръакс» ихтироъ метавонад дар асоси маҳсулоти шумо ба осонӣ сохта шавад ва ё «пеш гузарад»?
- Эҳтимолияти он ки шахсони дигар, хусусан рақибон, ҳамчунин метавонанд он чиро ки шумо ихтироъ кардед, ихтироъ ва патентнок кунанд, то чи андоза аст?
- Оё даромади интизоршаванда аз ҳолати монополӣ дар бозор сарфҳои (хароҷотҳои) патеннокунониро бармегардонад? (ниг. ба саҳ. 20 нисбати хароҷотҳо барои патентноккунӣ).
- Ба кадом ихтироъҳо метавон як ва ё якчанд патент гирифт, то чи андоза соҳаи ҳифзи гирифташуда васеъ мешавад ва оё аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок мешавад?
- Оё ҳолатҳои вайронкунии ҳифзи ҳуқуқиро ошкор кардан осон мешавад ва шумо омода ҳастед, ки вақту маблағҳоро барои ҳифзи ҳуқуқҳои патентӣ сарф намоед?



Соли 1994 ширкати австралигии аз нав таъсисёфтаи ITL Corporation ба модели судманди ба маҳсули якуми он тааллуқдошта, зарфи конструксияи махсус, ки дар он сӯзанҳо барои гирифтани санҷиши хун пас аз гирифтани хуни донорӣ бурда мешаванд, арзнома пешниҳод намуд. Дар натиҷа модели судманд ба патент ба ихтироъ табдил дода шуд. Маҳсулоте, ки дар истеҳсолот ба таври сериягӣ таҳти тамғаи молии Donorcare® бароварда мешавад, дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ муваффақияти калон пайдо карда, барои ҳалли конструктивӣ ба мукофотҳои бонуфуз сазовор шуд.

## Патентҳо ва ё махфият?

Агар ихтироъ, бо эҳтимолияти қавӣ, талаботи патентпазириро қонеъ намояд (ниг. саҳ. 10), корхонаи шумо дар ҳолати мушкил мемонад: оё ихтироъро дар режаи сирри тиҷоратӣ нигоҳ дошта шавад; онро патентнок намуд ва ё шароите муҳайё намуд, ки ягон нафаре натавонад ин ихтироъро дар натиҷаи кушодани моҳияти он (инро аслан нашри ҳифозатӣ меноманд) патентнок карда натавонад, ба ҳамин тариқ онро ба соҳаи «дастраси умум» гардонад.

Вобаста аз системаи ҳуқуқии дар мамлакат мавҷудбуда, ҳифзи сирри тиҷоратӣ метавонад аз рӯи қонун дар бораи рақобати беинсофона, қоидаҳои махсуси як ва ё якчанд қонунҳои дигар, ҳуқуқи амсолӣ нисбати маълумотҳои махфӣ, дастурамалҳои шартномавии дар созишномаҳо бо хизматчиён, мушовирон, фармояндагон ва шарикон, ва ё дар асоси мувофиқати ҳамаи дар боло зикршудаҳо, вогузошта шавад.

Бартарии ҳифз дар режаи сирри тиҷоратӣ:

- Сирри тиҷоратӣ барои бақайдгирӣ ягон сарферо талаб намекунад;
- Ҳифз дар режаи сирри тиҷоратӣ ошкор намудан ва ё дар идораи патентӣ ба қайд гирифтанро талаб намекунад, дар ин маврид моҳияти ихтироъ барои нашр воҷиб нест;
- Эътибори ҳифз дар режаи сирри тиҷоратӣ бо вақт маҳдуд нест;
- Сирри тиҷоратӣ эътибори фаврӣ дорад.

Камбудиҳои ҳифзи ихтироъ дар режаи сирри тиҷоратӣ.

- Агар сирри тиҷоратӣ дар маҳсулоти инноватсионӣ истифода шуда бошад, шахсони дигар метавонанд онро бо тарзи «лоиҳакашии бозгашт» ошкор намоянд ва дар натиҷа ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки аз он истифода баранд.
- Ҳифз дар режаи сирри тиҷоратӣ танҳо нисбати ғайриқонуни ҳосил кардан, истифода бурдан ва ошкор кардани маълумоти конфиден-сиалӣ самаранок мебошад.
- Агар сирри тиҷоратӣ ба таври оммавӣ ошкор шуда бошад, ҳар шахси дилхоҳ, ки ба он рухсат пайдо кардааст, ҳуқуқ дорад онро истифода барад.
- Ҳифзи ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ мушкилтар аст, чунки сатҳи ҳифз бениҳоят суст аст нисбат ба оне ки дар гирифтани патент; ва
- Мазмуни сирри тиҷоратӣ метавонад аз ҷониби шахсони дигар, ки мустақилона метавонанд ҳамин гунна ихтироъро бо роҳи қонунӣ тайёр намоянд, патентнок карда шавад.

Ҳангоме, ки ҳифзро бо патент ва дар режаи тиҷоратӣ ба сифати воситаи алтернативӣ барои ба даст овардани ҳифзи ихтироъ, баррасӣ кардан мумкин аст, онҳо аксар вақт якдигарро пурра мекунанд. Ин, азбаски арзномаҳо ба патент аслан моҳияти ихтироъро, то даме, ки арзнома ба патент аз ҷониби идораи патентӣ нашр карда нашавад, махфӣ нигоҳ медоранд. Ба ғайр аз ин, дар режаи сирри тиҷоратӣ аксар вақт махфиятҳои пурарзиши зиёди истеҳсолот («ноу-хау»), ки ба чи тавр бомуваффақият истифода бурдани ихтироъи патентнок кардашуда дахл дорад, нигоҳ дошта мешавад.

www.wipo.int/sme/

## Чиро метавон патентнок кард?

Барои ба ихтироъ додани ҳифзи патентӣ, вай бояд ба якчанд талабот ҷавобгӯ бошад:

- Объекти патентпазир дошта бошад (саҳ. 11);
- Нав бошад (талаботи навӣ) (саҳ. 12);
- Сатҳи ихтирокорӣ (талаботи номаълумӣ) дошта бошад (саҳ. 12);
- Дар саноат татбиқшаванда (талаботи фоиданокӣ) бошад (саҳ. 13); ва
- Фаҳмо ва пурра дар арзнома ба патент кушода шуда бошад (талабот нисбати ошкорӣ) (саҳ. 13).

Роҳи аз ҳама беҳтар барои фаҳмиши моҳияти ин талаботҳо, омухтани он чизе дар соҳаи техникаи мувофиқ мебошад, ки аллакай пештар патентнок карда шуда буд. Барои ин бояд ба хазинаи маълумотҳои патентӣ муроҷиат кард (манбаи маълумотҳои патентӣ пурратар дар саҳ. 16 ва 17 навишта шудаанд).




Арзномаи байналхалқии № PCT/IT2003/000428 Зарф барои тайёр кардани хурок ва ё нӯшокиҳо асосан бо ёри моеъи гармкардашуда.

## Моделҳои судманд

Хусусиятҳои модели судманд:

- Шартҳои пешниҳоди муҳофизат ба модели судманд на он қадар сахтанд, чунки талаботи мавҷудияти «сатҳи ихтирокорӣ» метавонад суст ва ё умуман набошад;
- Тартиби пешниҳоди муҳофизат ба модели судманд, нисбат дар ҳолати патентҳо ба ихтироъҳо, аслан кутоҳ ва осон мебошад;
- Чун қоида, боҷ барои пешниҳод ва эътибори он, назар ба патент ба ихтироъ, камтар аст;
- Мӯҳлати калонтарини ҳифзи модели судманд аслан, назар дар ҳолати патент ба ихтироъ, камтар аст;
- Дар баъзе мамлакатҳо модели судманд метавонад бо соҳаи муайяни техника маҳдуд бошад ва танҳо ба маҳсулот тааллуқ дошта бошад (на ба тарз); ва
- Чун қоида, арзнома ба модели судманд ва ё модели судманди аллакай бақайд гирифташударо ба арзнома ба ихтироъ табдил додан мумкин аст.

www.wipo.int/sme/

## Объекти патентпазир чист?

Дар аксарияти қонунҳои патентии миллӣ ва ё минтақавӣ объекти патентпазир бо маҳдудият, яъне бо роҳи нишон додани номгӯи он чизҳое, ки наметавонанд патентнок карда шаванд, муайян карда мешавад. Ба фарқияти калони дар қонунгузориҳои мамлакатҳои гуногун мавҷудбуда нигоҳ накарда, сатҳи техникае, ки метавонанд аз патенпазирӣ хориҷ карда шаванд, чунин мебошанд:

- Кашф ва назарияҳои илмӣ ва методҳои математикӣ;
- Қарорҳое, ки қонеъ гардонидани талаботи эстетикӣ равона шудаанд;
- Схемаҳо, қоидаҳо ва методҳои иҷрои фаъолияти фикрӣ;
- Топологияи микросхемаҳои интегралӣ;
- Қарорҳое, ки танҳо аз пешниҳоди маълумот иборатанд;
- Кашфи оддии моддаҳое, ки аллакай дар табиат мавҷуданд; animals;
- Ихтироъҳое, ки метавонанд хилофи тартиботи ҷамъиятӣ, принсипҳои ахлоқӣ бошанд ва ё ба тандурустӣ таъсир расонанд;
- Методҳои ташхисӣ, терапевтӣ ва ҷарроҳии табобати одамон ва ҳайвонот;
- Навъҳои растанӣ ва зотҳои ҳайвоноти дигар, назар ба микроорганизмҳо, ва ё асосан ҷараёнҳои биологӣ барои истеҳсоли растанӣ ва ё ҳайвонот, ба ғайр аз ҷараёнҳои ғайрибиологӣ ва микробиологӣ; ва
- Барномаҳо барои МЭҲ.

## Ҳифзи таъминоти барномавӣ

Дар баъзе мамлакатҳо ба алгоритмҳои математикие, ки асос барои беҳтар намудани имкониятҳои функсионалии таъминоти барномавӣ мебошанд, метавонад ҳифзи патентӣ дода шавад, ҳангоме, ки дар дигар мамлакатҳо, масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо чун объектҳои патентнопазир аз ҳифз хориҷ карда шудаанд. Аммо дар як қатор чунин мамлакатҳо ихтироъҳое, ки ба таъминоти барномавӣ тааллуқ доранд, ба ҳар ҳол, ба шарте, ки таъминоти барномавӣ ба сатҳи техника саҳми техникӣ гузорад, ҳифзи патентӣ истифода карда метавонанд. Барои гирифтани маълумоти минбаъда оид ба масъалаҳои патентпазирии таъминоти барномавӣ бояд ба идораи патентии миллӣ ва ё минтақавии кишвари худ муроҷиат намуд (ниг. Замимаи 1 бо нишондоди номгӯи сайтҳои идораҳои патентӣ).

Дар аксарияти мамлакатҳо рамзи объектӣ ва ибтидоии барномаҳои компютерӣ метавонад мояи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ бошад. Ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ аз мавҷудияти сабт вобаста нест ва ҳатмӣ намебошад, вале дар баъзе мамлакатҳо бақайдгирӣ мумкин ва ҳатто матлуб (хуб) аст. Ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ аз рӯи ҳаҷми ҳуқуқ бештар маҳдуд аст, назар ба ҳифзи патентӣ, чунки вай танҳо ба тарзи байни ғоя, на худи ғоя, тааллуқ дорад. Дар аксарияти мамлакатҳо рамзи объектии барномаҳои компютерӣ бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, ҳангоме, ки рамзи аввалӣ ҳамчун сирри тиҷоратӣ ҳифз карда мешавад.

## Нави ихтироъ чи тавр муайян карда мешавад?

Ихтироъ нав ба ҳисоб меравад ва ё навӣ дорад, агар он қисми сатҳи маълуми техника набошад. Умуман, тахти сатҳи маълуми техника тамоми донишҳои техникӣ дар сатҳи муайяни техника, ки то санаи пешниҳоди арзнома ба патент дар ҷаҳон мавҷуданд, фаҳмида мешавад. Вай, дар байни ғайраҳо, патентҳо, арзномаҳо ба патент ва тамоми намуди адабиёти ғайрипатентиро дар бар мегирад.

Муайян кардани сатҳи техника маълум дар мамлакатҳои гуногун моҳиятан фарқ мекунад. Дар аксарияти мамлакатҳо ҳар гуна маълумоти дилхоҳ, ки дар ягон мамлакат ба таври хаттӣ ва ё шифоӣ ба таври оммавӣ ошкоршудааст, намоиш ва ё истифодаи рӯирост, сатҳи техникаи маълумро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, нашр дар бораи ихтироъ дар маҷалаи илмӣ, презентатсияи вай дар конференсия, истифода дар фаъолияти тиҷоратӣ ва ё дохил кардан ба каталоги ширкат, умуман, амалҳоеро дар худ таҷассум менамоянд, ки метавонанд ихтироъро аз навӣ ва патентпазирӣ маҳрум намоянд. Муҳим он аст, ки ба ошкоркунии тасодуфии моҳияти ихтироъ то пешниҳоди арзнома ба патент роҳ надиҳед. Ёрии намояндаи патентии боихтисос бисёр вақт барои дақиқ намудани он, ки чи ба сатҳи маълуми техника дохил мешавад, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Сатҳи техника бисёр вақт «сатҳи техникаи пинҳонро» дорад, ки он дар худ арзномаҳои баррасишавандаи нашрнашударо ба патент доранд, ба шарте, ки онҳо баъдтар нашр мешаванд.

## Ихтироъ кай «сатҳи ихтирокорӣ» дорад?

Ихтироъ дорои сатњи ихтироъкорї мањсуб меёбад (ва ё норавшан), агар, бо назардошти сатњи маълуми техника, он барои мутахассиси ин соња маълум (равшан, ошкор, айён) набошад. Дар ин сурат фањмида мешавад, ки талаботи норавшанї кафолат медињад, ки патентњо танњо нисбати натиљањои дар њаќиќат эљодкорона ва навоваронаи коркардњо дода мешаванд, ва на нисбати он ки мутахассиси оддї дар соњаи мазкур метавонад ба осонї барои њалли масъалаи мазкур танњо дар асоси донишњои худ одатан пешнињод намояд.

Ана танҳо баъзе мисолҳои он ки мутобиқи қарорҳои суд дар баъзе мамлакатҳо барои сатҳи ихтироъкорӣ надоштан бароварда шудааст: тағйири оддии андоза; ба махсул намуди оддии ихчамӣ додан; ҷой ивазкунии деталҳо; тағйири маводҳо; ивазкунии оддӣ ба детали эквивалентӣ ва ё функсияҳои иҷороишӣ.



Патенте, ки ба ширкати хорватии «Плива» ба антибиотики азитромисин дар даҳсолаи охир ба ширкат миллионҳо доллар фоида овард. Патент объекти бомуваффақияти муомилаи литсензионӣ бо калонтарин ширкати фарматсевтии хориҷӣ гардид.

## «Дар саноат татбиқшавандагӣ» чӣ маъно дорад?

Барои он, ки патентпазирии интироъ, вай бояд дар саноат ва ё мақсадҳои тиҷоратӣ татбиқшаванда бошад. Ихтироъ наметавонад танҳо хусусияти назариявӣ дошта бошад. Вай бояд муфид бошад ва фоидаи муайяни таҷрибавӣ орад. Дар айни ҳол мафҳуми «саноатӣ» маънои васеъи аз соф фаъолияти зеҳнӣ ва ё эстетикӣ фарққунандаро дорад ва дар худ масалан, дар хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, дигар соҳаҳои иқтисод ва муҳити иҷтимоиро таҷассум менамоянд. Дар баъзе мамлакатҳо ба ҷои дар саноат татбиқшавандагӣ меъёри муфидӣ қабул шудааст. Талаботи муфидӣ барои патентҳо дар соҳаи генетика, ки судмандии онҳо ҳангоми пешниҳоди арзнома наметавонад маълум бошад, хусусан муҳим шуд. Дар ҶТ шарти патентпазирии «дар саноат татбиқшавандагӣ» истифода карда мешавад.

## Талаботи ошкор кардани ихтироъ чӣ маъно дорад?

Мутобиқи қонунгузории миллии аксарияти мамлакатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, арзнома ба патент бояд моҳияти ихтироъро ба таври кифоя пурра ва фаҳмо ошкор намояд, ки мутахассиси ин соҳаи техника тавонад ихтироъро амалӣ гардонад. Дар баъзе мамлакатҳо қонуни патентӣ талаб мекунад, ки ихтирокор «варианти беҳтарини» амалигардонии ихтироъро ошкор намояд (дар Тоҷикистон ин талаб карда намешавад). Он чӣ ки ба патентҳо ба микроорганизмҳо тааллуқ дорад, бисёри давлатҳо талаб мекунанд, ки микроорганизмҳо дар муассисаҳои махсуси депозитарӣ нигоҳбонӣ карда шаванд

## Патент ва илм дар бораи ҳаёт.

Солҳои охир зиёдшавии назарраси миқдори патентҳо, ки ба илм дар бораи ҳаёт тааллуқ доранд (хусусан дар соҳаи биотехнология) дида мешавад; дар ин ҳангом байни давлатҳо нисбати он, кик адом объектҳоро метавон патентнок кард, ихтилофи хеле зиёди ақидаҳо пайдо мешаванд.

Қариб тамоми давлатҳо ба патентноккунии ихтироъҳоеро, ки ба микроорганизмҳо тааллуқ доранд, иҷозат медиҳанд ва талаб мекунанд, ки намунаи микроорганизм дар муассисаи махсуси депозитарӣ, дар сурати агар чунин микроорганизм ҳоло ба омма маълум набошад ва ҳоло ба таври даркорӣ натавонад баён карда шавад, нигоҳбонӣ кунанд. Аксарияти давлатҳо растаниҳо ва ҳайвонотро аз ҷумлаи объектҳои патентпазир ихтисор менамоянд, аммо ба патентноккунии моддаҳои биологие, ки тоза карда шудааст ва аз муҳити табии онҳо ва ё бо ёрии коркарди техникӣ офарида шудааст, иҷозат медиҳанд. Қонунгузории миллӣ метавонад ҳамчунин баъзе намудҳои махсуси ихтироъҳои патентнопазирро, ба мисли тарзи клон намудани инсон ва ё тарзи тағйир додани айниятии генетики ҷанини инсонро нишон диҳад.

Вобаста аз шароити ин ва ё он мамлакат, навъҳои нави растанӣ дар чорчӯбаи системаи патентӣ ва ё системаи махсуси муҳофизати навъҳои нави растанӣ (барои гирифтани маълумоти иловагӣ ниг. ба www.upov.int) ва ё дар якҷоягии (пайвастагии) ҳарду системаҳои номбурда, ҳифз карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи махсуси ҳифзи навъҳои нави растанӣ қабул шудааст.

## Патент чӣ ҳуқуқҳоро медиҳад?

Патент ба дорандаш ҳуқуқ медиҳад, ки барои аз ҷониби дигар шахсон бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода бурдани ихтироъро иҷозат надиҳад. Ин ҳуқуқ ҳуқуқи сохтан, истифода бурдан, ба фурӯш баровардан, фурӯхтан ва ё ворид кардан аз ҷониби шахсони дигар маҳсулот ва ё тарзи дар асоси ихтироъи патентнок кардашуда бе иҷозати доранда, ва ё иҷрокунии чунин амалҳо манъ намуданро дорад.

ІҚайд намудан муҳим аст, ки патент ба дорандаи он «истифодаи озод» ва ё ҳуқуқи истифодаи технологияро аз рӯи патент намедиҳад, балки танҳо ҳуқуқи аз ҷониби шахсони дигар истифода карданро иҷозат надоданро, пешниҳод мекунад. Ҳарчанде, ки ин тавофути ночиз намояд ҳам, вай дар фаҳмиши системаи патентӣ ва принсипҳои робитаи дутарафаи байни патентҳои гуногун моҳияти муҳим дорад. Дар ҳақиқат, ҳуқуқҳо ба патентҳо, ки ба шахсони дигар тааллуқ доранд, метавонанд мутақобила ҳамдигарро буранд, патенти шуморо пурра (мукаммал) кунанд ва ё дар худ дошта бошанд. Бинобар ҳамин, ба шумо барои истифодаи ихтироъи шахсони дигар, то ин ки интироъи патентнок кардашудаи худро бо мақсади тиҷорат ва баракс истифода баред, лозим меояд, ки бояд литсензия (иҷозатнома) гиред.

Ба ғайр аз ин, пеш аз ибтидои бо мақсади тиҷоратӣ истифодабарии баъзе ихтироъҳо (ба мисли доруҳои фармасевтӣ) метавонанд ягон иҷозати махсус (масалан, иҷозат ба ворид кардан ба гардиши тиҷоратӣ, ки мақомоти салоҳиятдори мамлакат, ки дар ин соҳаи мазкур танзим медарорад, лозим шавад.

## Ки ихтирокор мебошад ва ҳуқуқ ба патент ба ки тааллуқ дорад?

Шахси воқеие, ки ихтироъро эҷод кардааст, ихтирокор мебошад, ҳангоме, ки шахси воқеие (ва ё ширкате), ки ба патент арзнома пешниҳод намудааст, аризадиҳанда ва ё соҳибҳуқуқи патент мебошад. Ҳарчанде, ки дар баъзе ҳолатҳо ихтирокор метавонад аризадиҳанда ҳам бошад, вале дар бештари ҳолатҳо ихтирокор ва аризадиҳанда шахсони гуногун мебошанд. Аризадиҳанда дар аксари ҳолатҳо ширкатҳо ва ё пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар он ҷо ихтирокор кор мекунад, мебошад. Ҳолатҳои конкретии зерин мавриди диққатанд:

- **Ихтироъҳои хизматӣ.** Дар бисёри мамлакатҳо ихтироъҳое, ки ҳангоми иҷрои супориши хизматӣ эҷод шудаанд, бе чуну чаро (автоматӣ) ба корфармо тааллуқ доранд. Дар баъзе мамлакатҳо ин қоида танҳо дар он сурат амал мекунад, ки агар ин дар шартномаи меҳнатӣ гуфта (қайд) шуда бошад. Дар як қатор ҳолатҳо масалан, ҳангоми набудани шартномаи меҳнатӣ), ихтирокор метавонад ҳуқуқи истифодаи ихтироъи офаридашударо худ нигоҳ дорад, аммо ба корфармо ҳуқуқи ғайри истиснoии истифодаи ихтироро танҳо бо мақсади дохилӣ пешниҳод намояд («ҳуқуқи кироякунанда ба ихтироъи хизматии коргар» номида мешавад). Барои раҳои ёфтан аз баҳсҳои оянда, қоидаҳои қонунгузории давлати худро фаҳмидан муҳим аст ва боварӣ ҳосил кардан лозим аст, ки шартномаҳои меҳнатӣ масъалаҳои ҳуқуқи моликият ба ихтироъи хизматиро муайян мекунанд.
- **Пудратчиҳои мустақил.** Дар аксарияти мамлакатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, пудратчии мустақилро, ки ширкат барои коркарди маҳсулоти нав ва ё тарзи нав кироя кардааст, тамоми ҳуқуқҳоро ба ихтироъ дорад, агар дар шартномаи онҳо чизи дигаре қайд карда нашуда бошад. Ин маънои онро дорад, ки агар пудратчӣ бо ширкат дар бораи вогузории ҳуқуқ ба таври хаттӣ шартнома набаста бошад, вай ягон ҳуқуқи моликияти ба ихтироъи офаридашуда надорад, ҳатто агар вай тамоми хароҷотҳоро барои гузаронидани коркард пардохт карда бошад.
- **Ихтирокорони муштарак.** Агар дар ғоя ва ё татбиқи ихтироъ саҳми калони якчанд шахс гузошта шуда бошад, онҳо бояд ҳамчун ихтирокорони муштарак баррасӣ карда шаванд ва ба ҳамин сифат дар арзнома ба патент нишон дода шаванд. Агар ихтирокорони муштарак ҳамчунин аризадиҳандагони муштарак бошанд, патент ба онҳо якҷоя дода мешавад.
- **Шарикон.** Мамлакатҳои гуногун нисбати истифода ва ё ҳифзи патент, ки дорандаи онҳо якчанд шахсони ҳуқуқа ё воқеӣ мебошанд, қоидаҳои гуногун доранд. Дар баъзе ҳолатҳо ягонтои аз шарикон наметавонанд шахсан ба патент литсензия диҳанд ва ё ба суд зидди шахсони сеюм барои вайронкунии ҳуқуқҳои патентӣ бе розигии шарикон, даъво пешниҳод кунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар яке аз шарикон ҳуқуқ доранд ихтироъи ҳифзшударо бо хости худ истифода баранд, агар созишномаи байни онҳо ҳолати дигареро дар назар надошта бошад. Бо вуҷуди ин идоаркунии ҳуқуқи истисноӣ ба ихтироъ, яъне мусодира (бегона) кардан ва ё литсензия додан, якҷоя бо шарикон гузаронида мешавад.

.

## Маълумоти ҷамъбастӣ барои худсанҷишӣ

- Оё ихтироъро патентнок мебояд кард? Бартарии ҳифзи патентиро фикр кунед, қарорҳои алтернативиро (режаи сирри тиҷоратӣ, моделҳои судманд ва диг.) баррасӣ намоед ва аз рӯи меъёри «сарфҳо/даромадҳо» таҳлил гузаронед. Бо маълумотҳои иловагӣ оид ба патентҳо дар фаслҳои оянда шинос шавед, то ин ки дар қабули қарори боасос кардашуда, дилпур бошед.
- Оё ихтироъ қобили патентпазирист? Талаботҳо ба патентпазириро бодиққат омӯзед, дар бораи он ки чӣ дар мамлакати шумо патентпазир аст, маълумоти батафсил гиред ва нисбати сатҳи маълуми техника ҷустуҷӯ гузаронед (ниг. ба замимаи оянда). ог
- Масъалаҳои ҳуқуқ ба ихтироъро, ки ба ширкати шумо, хизматчиёни он ва ҳар як шарике, ки метавонад дар коркарди ихтироъ ёрии пулӣ ва ё техникӣ расонад, равшан намоед.,

www.wipo.int/sme/

## 2. ЧӢ ТАВР БОЯД ПАТЕНТ ГИРИФТ

### Аз чӣ бояд сар кард?

Одатан даври якум аз муқарраркунии сатҳи маълуми техника иборат аст. Ҳангоми мавҷудияти зиёда аз 40 миллион патенте, ки дар тамоми ҷаҳон дода шудааст ва миллионҳо нашрияҳои чопие, ки сатҳи техникаро аз рӯи арзномаи шумо ба патент иқтидоран муайян мекунанд, хатари ҷиддии он ки ягон истинод ва ё якчанд истинодҳои ҳангоми ҷустуҷӯ ба патентҳои аллакай додашуда ошкоргардида , метавонад ихтироъи шуморо аз навӣ ва ё норавшанӣ маҳрум намуда ва ҳамин тавр онро патентнопазир гардонад.

Ҷустуҷӯ дар сатҳи техникаи маълум барои муайян кардани патентпазирии ихтироъи офаридашуда, метавонад аз хароҷоти беҳуда, ҳангоми пешниҳоди арзнома ба патент, агар дар натиҷаи ҷустуҷӯ истинодҳо ба сатҳи техникаи маълум, ки метавонад ба патенткунонии ихтироъ монеъ шавад, ошкор гарданд, ҳимоя намояд.

Ҷустуҷӯ нисбати муайянкунии сатҳи техникаи маълум бояд ба адабиёти ғайрипатентӣ, аз ҷумла маҷаллаҳои илмӣ-техникӣ, маълумотномаҳо, маводҳои конфронсҳо, рисолаҳои илмӣ, сайтҳо, тарҳи ширкатҳо, нашрияҳои тиҷоратӣ ва мақолаҳои газета низ паҳн шавад.

Иттилооти патентӣ манбаи беҳамтои маълумоти техникии таснифшудае мебошад, ки барои банақшагирии стратегии тиҷорат аҳамияти азиме дорад. Моҳияти ихтироъ аввалин бор ба таври оммавӣ танҳо пас аз нашри патент ва ё арзнома ба патент кушода мешавад. Ҳамин тавр, патентҳо ва арзномаҳои ба патентҳо нашршуда имкон медиҳанд бо натиҷаи навтарини корҳо ва инноватсияҳо пеш аз оне, ки маҳсулоти инноватсионӣ дар бозор пайдо шавад, шинос шаванд. Ҷустуҷӯи патентӣ қисми асосии корҳо доир ба гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаҳои конструкторӣ (КИТТК) мебошад.

### Аҳамияти ҷустуҷӯ дар хазинаи маълумотҳои патентӣ.

Ба ғайр (қатъи назар) аз санҷиши ихтироъ ба патентпазирӣ, ҷустуҷӯи саривақтӣ ва босамар дар манбаҳои маълумоти патентӣ метавонад ахборот ва маълумоти бениҳоят муфидро диҳад, нисбати:

- Фаъолият дар соҳаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаҳои конструкторӣ ва рақибони боиқтидор дошта;
- Тамоюлҳои муосир дар рушди соҳаи мазкури техника;
- Технологияҳои литсензияшаванда;
- Таъминкунандаи имконпазир, шарикҳо (ҳарифҳо) ва ё манбаҳо барои гузаронидани тадқиқотҳо;
- Сегменти (қисми) имконпазири бозори мамлакат ва хориҷа;
- Патентҳои амалкунанда дар соҳаи мазкур, ки ба шахсони дигар тааллуқ доранд, бо мақсади боварӣ ҳосил кардан ба он, ки маҳсулоти шумо ҳуқуқи онҳоро вайрон намекунад
- Патентҳо дар соҳаи мазкур, ки мӯҳлати амалашон ба итмом расидааст, ва технологияҳое, ки предмети сарвати ҷамъиятӣ шудаанд.
- Коркардҳои нави имконпазир дар асоси технологияҳои аллакай мавҷудбуда.

### Чӣ тавр барои муайян кардани сатҳи техника бояд ҷустуҷӯ гузаронид?

Патентҳо ва арзномаҳо ба патент, ки идораҳои зиёди патентӣ нашр мекунанд, дар режими онлайн дастрас мебошанд, гузаронидани ҷустуҷӯро оид ба муайян кардани сатҳи маълуми техника осон мегардонанд. Рӯйхати идораҳоро оид ба моликияти зеҳнӣ (МЗ), ки озодона ба хазинаи маълумоташон дар режаи онлайн иҷозат медиҳанд, дар сайти www.wipo.int/ipdl/en/resources/links.jsp пайдо кардан (ёфтан) мумкин аст. Ба ғайр аз ин, аксарияти идораҳои патентии миллӣ доир ба гузаронидани ҷустуҷӯи патентии пулакӣ хизматрасониҳо пешниҳод мекунанд..

Бо шарофати Интернет, рухсат ба иттилооти патентӣ бениҳоят осон мешавад, вале гузаронидани ҷустуҷӯи патентии баландсифат кори осон нест. Истилоҳи патентӣ аксар вақт мураккаб буда ва ҳаммаъно нестанд, бинобар ҳамин, гузаронидани ҷустуҷӯи патентии касбӣ, таҷриба ва дониши калонро талаб мекунад. Ҳарчанде, ки ҷустуҷӯи пешакӣ метавонад аз рӯи манбаҳои маълумотии онлайнии бепул гузаронида шавад ҳам, вале ширкатҳои зиёде, ки барои қабули қарори охирин (масалан, арзнома ба патент пешниҳод кардан лозим аст ё не), ба иттилооти патентӣ эҳтиёҷ доранд, чун қоида, ба ёрии кордонҳо дар соҳаи корҳои патентӣ (масалан, намояндагони патентӣ) мешитобанд ва/ва ё аз хазинаҳои маълумотии тиҷоратии мураккабтар истифода мебаранд.

Ҷустуҷӯро барои муайян кардани сатҳи техника дар асоси калимаҳои муҳим, индекси синфбандии патентӣ ва ё дигар имкониятҳо барои ҷустуҷӯ, гузаронидан мумкин аст. Нопурагии сатҳи техника оқибати стратегияи татбиқшавандаи ҷустуҷӯ, системаи синфбандии истифодашаванда, тайёрии техникии шахси ҷустуҷӯ гузаронанда, ҳамчунин манбаи маълумотҳои истифодашаванда мебошад.

### Синфбандии патентии байналхалқӣ

Синфбандии патентии байналхалқӣ (СПБ) аз худ системаи синфбандии иерархии барои синфбандӣ ва ҷустуҷӯи патентии ҳуҷҷатҳо истифодашавандаро дорад. Вай ҳамчунин ба сифати олоти батартибоварии онҳо, асосҳо барои паҳнкунии иттилооти интихобӣ ва муайян намудани сатҳи рушди техника дар соҳаҳои аниқ хизмат мекунад. Нашри 8 СПБ аз 8 қисм, ки ба 120 синфҳо, 628 зерсинфҳо ва қариб 69000 гурӯҳҳо тақсим шудаанд, иборат аст. 8 қисм инҳоянд:

A. Қаноатманд намудани талаботи ҳаёти инсон;
B. Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ; Боркашонӣ;
C. Химия; металлургия;
D. Маснуоти саноати бофандагӣ; (газвор); коғаз;
E. Бинокорӣ;
F. Механика; рӯшноӣ; гармкунӣ; яроқ ва лавозимоти ҷангӣ; корҳои таркиш;
G. Физика;
H. Барқ.

Дар айни замон зиёда аз 100 давлат СБП барои синфбандии патенҳояшон истифода мебаранд:

**www.wipo.int/classifications/en/ipc/index.html**

## Чӣ тавр бояд ҳифзи патентӣ гирифт?

Пас аз гузаронидани ҷустуҷӯ барои муайян кардани сатҳи техника ва қабули қарор оид ба зарурати гирифтани ҳифзи патентӣ бояд арзнома ба патент тартиб дода онро ба идораи патентӣ ва ё минтақавӣ пешниҳод бояд намуд. Арзнома аз тавсифномаи пурраи ихтироъ, формулаи ихтироъ, ки ҳаҷми ҳуқуқҳоро оид ба патент муайян мекунад, нақшаҳо ва реферат иборат аст. (Маълумоти иловагӣ дар бораи таркиби арзнома ба патент дар саҳ. 24 оварда шудааст). Баъзе идораҳои патентӣ ба аризадиҳандагон имконият медиҳанд, ки арзномаро ба воситаи Интернет пешниҳод намоянд.
Дар баъзе давлатҳо аз имконияти пешниҳоди арзномаи пешакӣ ба патент истифода бурдан мумкин аст (ниг. ба замима дар саҳ. 23).

Тартиб додани арзномаро ба патент одатан намояндаи патентие, ки манфиатҳои шуморо дар ҷараёни коргузории арзнома ифода мекунад, анҷом медиҳад. Замима дар саҳифаи оянда, оид ба марҳилаҳои баррасии арзнома тасаввуроти умумӣ медиҳад. Бояд қайд кард, ки дар мамлакатҳои гуногун, ҳам барои гирифтани маълумот оиди тартиб ва ҳам ҳаҷми боҷҳо, фарқияти калон метавонад мавҷуд бошад, бинобар ҳамин тавися дода мешавад, ки бояд бевосита ба идораи патентии мамлакат ва ё ширкати патентӣ-ҳуқуқӣ муроҷиат намоед.



Арзномаи байналхалқии № PCT/DE2003/003510. Чархи рули автомобил, ки болишти эҳтиётии сохташуда дорад.

## Марҳилаҳои баррасии арзнома

Марҳилаҳои гузаронидани санҷиши арзномаҳо дар идораҳои патентӣ аз ҳам фарқ доранд, вале барои ҳамаашон марҳилаҳои умумӣ инҳоянд:

- **Санҷиши расмӣ:** Идораи патентӣ мутобиқияти арзномаро ба талаботҳои расмӣ (масалан, мавҷудияти тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва пардохти боҷ барои пешниҳоди арзнома) тафтиш менамояд.
- **Ҷустуҷӯ:** Дар бисёр мамлакатҳо идораи патентӣ барои муайян кардани сатҳи техникаи маълум ба соҳае, ки ихтироъ тааллуқ дорад, ҷустуҷӯ мегузаронад. Ҳисобот оиди ҷустуҷӯ ҳангоми гузаронидани санҷиши моҳиятӣ барои муқоисаи ихтироъи арзшуда бо сатҳи техникаи маълум истифода бурда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ ба санҷиши моҳиятии арзнома дохил мешавад.
- **Санҷиши моҳиятӣ:** Мақсади санҷиши моҳиятӣ аз муайян кардани иҷрои талаботҳои патентпазирӣ иборат мебошад. На ҳамаи идораҳои патентӣ мутобиқии арзномаро ба тамоми талаботҳои патентпазирӣ тафтиш менамоянд. Баъзе идораҳо инро танҳо дар асоси дархости аризадиҳанда, ки ба идора дар давоми мӯҳлати муқарраршуда фиристода шудааст, иҷро мекунанд. Мутобиқи қонуни ҶТ санҷиши моҳиятӣ бо дархости аризадиҳанда (ва ё шахси сеюм), ки метавонад ҳар вақт дар давоми се соли баъд аз санаи пешниҳоди ариза барои гирифтани патент ба ихтироъ пешниҳод гардад, ҳамчунин бо дархости дорандаи нахустпатент, ки дар давоми мӯҳлати амали он дода шуданаш мумкин аст, гузаронида мешавад. Натиҷаи санҷиш ба аризадиҳанда ( ва ё ба намояндаи патентӣ) ба таври хаттӣ бо мақсади ба ӯ имкони ҷавоб додан ва/ ва ё эътирози ҷойдоштаро, ки дар рафти гузаронидани санҷиши моҳияти пайдо шудааст, гирифтан, фиристода мешавад. Ин тартиб бисёр вақт ба кам шудани ҳаҷми ҳифзи арзнома ба патент оварда мерасонад.
- **Нашр:** Дар аксарияти давлатҳо арзнома ба патент баъд аз 18 моҳ пас аз санаи пешниҳод нашр карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на арзнома, балки танҳо маълумотҳои асосӣ дар бораи он нашр карда мешавад. Чун қоида, идораҳои патентӣ маълумотро доир ба патент нашр мекунанд. Ин амал пас аз додани патент иҷро мешавад.
- **Боздод** (додан, пешниҳод): Агар санҷиш ба хулосаи мусбӣ ояд, идораи патентӣ қарори додани патентро қабул мекунад ва патент медиҳад.
- **Эътироз:** Идораҳои патентии зиёд мӯҳлат пешниҳод мекунанд, ки дар давоми он шахсони сеюм метавонанд зидди додани патент эътироз пешниҳод кунанд, масалан, дар асоси он, ки ихтироъи арзшуда нав намебошад (нест). Тартиби пешниҳоди эътироз метавонад пеш аз додани патент ва/ва ё пас аз додани патент ва дар мӯҳлати муқарраршуда ҷой дошта бошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имконият метавонад пас нашри маълумот дар бораи додани патент иҷро карда шавад (ба амал бароварда шавад).

Бояд қайд кард, ки чунин тартибот дар идораҳои гуногуни патентӣ метавонанд фарқият дошта бошанд.

## Патентноккунонии ихтироъ чанд пул меистад?

Хароҷот барои ин мақсад дар давлатҳои гуногун ва ҳатто дар як давлат, вобаста аз чунин омилҳо ба мисли характери ихтироъ, мураккабии он, ҳаққи хизмати намояндаи патентӣ, ҳаҷми арзнома ва ғайра, хеле фарқ мекунанд. Муҳимаш набояд фаромуш кард ва ба таври муносиб нақшаи хароҷотеро, ки ба пешниҳод ва ба эътибор нигоҳ доштани амали патент вобастаанд, ба нақша бояд гирифт.

- Чун қоида, ин хароҷотҳо ба гузаронидани ҷустуҷӯ барои муайян кардани сатҳи техника, хусусан, агар шумо ёрии мутахассисро истифода баред, вобастаанд;
- Ҳаҷм боҷи давлатӣ барои пешниҳоди арзнома дар мамлакатҳои гуногун аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Идораҳои патентии миллӣ ва ё минтақавии мамлакати шумо метавонанд маълумоти муфассалро дар бораи структураи боҷҳо ба шумо пешниҳод намоянд. Баъзе давлатҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна, ки дар режими онлайн арзнома пешниҳод менамоянд, тахфиф (маблағи камтар) истифода менамоянд. Ба ғайр аз ин, як қатор давлатҳо, ҳангоми пардохти боҷи иловагӣ, санҷиши таъҷилӣ мегузаронанд;
- Пас аз он ки идораи патентӣ қарорро дар бораи додани патент қабул мекунад, аз рӯи қоида, ҳар сол бояд барои баэътибор нигоҳ доштани ва ё дароз кардани амали эътибори патент боҷи зарурӣро бояд пардохт намуд.
- Агар шумо ҳангоми пешниҳоди арзнома аз хизмати намояндаи патентӣ истифода баред (масалан, ҳангоми омода намудани хулосаи патентпазирӣ, тартиб додани арзнома ба патент, тайёр намудани нақшаҳо ва бурдани мукотиба бо идораи патентӣ), хароҷоти иловагиро шумо пардохт мекунед;
- Агар шумо хоҳед, ки ихтироъро дар хориҷа патентнок кунед, бояд пардохти боҷҳои муқарраршударо барои пешниҳоди арзнома дар ин мамлакатҳо, хароҷот барои тарҷума ва хизмати намояндагони патентии ин давлатҳоро (ки дар аксарияти мамлакатҳо шарти ҳатмӣ барои аризадиҳандагони хориҷӣ мебошад) ба назар гирифт;
- Агар ихтироъ ба микроорганизмҳо тааллуқ дошта бошад, ҳангоми зарурати нигоҳдории (депонирования) микроорганизмҳо ва ё маводҳои биологӣ дар муассисаҳои махсуси нигоҳдорӣ, бояд барои пешниҳод, нигоҳбонӣ ва санҷиши қобилияти зисти ӯ боҷ пардохт намуд.



Патенти АОИС № 40893. Комплект барои аутогемотрансфузияи таъҷилӣ (EAT-SET), ки духтури нигериягӣ Овемо Оваде ихтироъ ва патентнок кардааст, гузаронидани хунро аз таҷвифи (ковокии, холигии, пукии) бадани беморе, ки хунравии дарунӣ азият мекашад, мусоидат менамояд. Маҳсулот дар истеҳсолоти сериягии ширкатҳои EATSET Industries ва First Medical and Sterile Products бароварда мешавад.

## Кай бояд арзномаро ба патент пешниҳод кард?

Умуман, ҳифзи патентиро ҳамин ки шумо иттилооти кифоя барои тартиб додани арзнома ба патент гирифтед, пурсидан беҳтар аст. Аммо як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба аризадиҳанда барои муайян кардани фурсати муносиб барои пешниҳоди арзнома ба патент, мадад мекунанд. Асосҳои саривақт пшниҳод кардани арзнома инҳоянд:

- Дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ғайр аз ИМА, ниг. ба замима дар саҳ. 25), патентҳо дар асоси принсипи гирифтани аввалият «ба шахси аввалин шуда арзнома пешниҳодкарда» дода мешавад. Бинобар ҳамин, пешниҳоди ҳарчи пештари арзнома, барои он ки шумо аввалин бошед, ки ба ихтироъи мазкур арзнома пешниҳод кардед, то ин ки ҳуқуқро ба иътироъи мазкур аз даст надиҳед.
- Муроҷиати саривақтӣ барои гирифтани ҳифзи патентӣ, чун қоида, манфиатнок аст, агар шумо ёфтани дастгирии молиявиро ба ҳисоб гирифта бошед ё иҷозатномаи ихтироъро барои бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода бурдани он дар назар дошта бошед.
- Хуллас, Шумо метавонед ҳуқуқҳои худро ба патент фақат баъд аз оне, ки он аз тарафи Идораи патентӣ дода мешавад, ҳифз намоед, гарчанде равиши додани патент мумкин аст якчанд сол идома ёбад.

Ба ҳар ҳол, шитобкорона пешниҳод кардани арзнома ба патент, яъне пешниҳоди арзнома ба патент фавран пас аз он, ки ихтироъ эҷод мешавад, мумкин аст бо сабабҳои зерин монеа гардад:

- Агар шумо арзномаро ба патент беҳад барвақт пешниҳод кунед ва баъдтар дар ихтироъ тағйирот дароред, чун қоида, тағйироти муҳими воридгаштаро дар тавсифномаи аввалаи ихтироъ дохил кардан номумкин аст.
- Ҳангоме, ки Шумо дар як кишвар ё минтақа арзнома додед, одатан дар ихтиёри Шумо 12 моҳи дигар барои додани арзнома ба ин ихтироъ дар ҳама кишварҳои дигаре, ки ифодакунандаи манфиат барои истифодаи бартарии аввалият аз рӯи санаи додани аризномаи якум мебошанд, доред. (Ба тавзеҳоти санаи аввалият дар саҳифаи 30 нигаред.) Агар хароҷотҳои вобаста ба гирифтани ҳифозат дар кишварҳои гуногун ва пардохи ҳарсолаи боҷ барои ширкати шумо бениҳоят гарон афтад, метавонад мушкилот ба миён ояд. Яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот ба таъхир гузоштани пардохтҳо барои тарҷумаи матни арзнома ва боҷи миллӣ ба мӯҳлати иборат аз 30 моҳ бо истифода аз Шартнома дар бораи ҳамкории патентӣ (PCT) мебошад (ба саҳ. 32 ва 33 нигаред.)

Бо қабул кардани қарор дар бораи интихоби вақт барои пешниҳоди арзнома ба патент, муҳим аст, ки пешниҳоди арзнома то ошкор шудани моҳияти ихтироъ, ба назар гирифта шавад. Ҳама гуна ошкоркунӣ то пешниҳоди арзнома (масалан, маркетинги санҷишӣ, презентатсия барои саҳмгузорон ва ё шарикони соҳибкор) бояд танҳо баъди бастани созишнома дар бораи махфият ё паҳн накардани иттилоот, амалӣ карда шавад.

## То кадом андоза нигоҳ доштани махфияти ихтироъ то пешниҳоди аризнома ба патент муҳим аст?

Агар Шумо хоҳиши гирифтани патент ба ихтироъро дошта бошед, нигоҳ доштани махфияти он то пешниҳоди аризнома, комилан зарур аст. Дар бисёр ҳолатҳо то пешниҳоди аризнома ба таври оммавӣ ошкоркунии ихтироъ, ихтироъро аз навӣ маҳрум намуда, онро патентнопазир мегардонад, агар қонунгузории кишвар «муддати имтиёзнок»-и махсусро пешбинӣ накарда бошад.

Ҳамин тавр, бениҳоят муҳим аст, ки ихтироъкорон, муҳаққиқон ва муассисон аз ҳама гуна ошкоркунии моҳияти ихтироъ то пешниҳоди аризнома ба патент дар канор бошанд, зеро он метавонад ихтироъро аз патентпазирӣ маҳрум созад.



Арзномаи байналмилалӣ №PCT/IB01/00706 Мукаммалгардонӣ, марбут ба зарядноккунии телефонҳои мобилӣ.

## Таносуби системаи «аризадиҳандаи аввалин» ва «офарандаи аввалини ихтироъ» ҳангоми муқаррар намудани аввалият.

Дар аксарияти кишварҳо патент ба ихтироъ ба шахсе, ки якумин шуда аризнома ба патент пешниҳод мекунад, дода мешавад. ИМА истисно мебошад, ки ҳоло дар он ҷо системаи «офарандаи аввалини ихтироъ» истифода мешавад, ки мувофиқи он, дар ҳолати арзномаҳои монанд, патент ба ихтироъкори аввалин, новобаста аз оне, ки пештар арзнома ба патент аз тарафи дигар ихтироъкор пешниҳод шуда буд, ба ихтироъкоре дода мешавад, ки ин ихтироъро офарида дар амал татбиқ намудааст.Барои исбот кардани муаллифӣ ба ихтироъ, дар чаҳорчӯбаи ингуна система муайян намудани аввалият, муҳим аст шуморабандӣ ва журналҳои лаборатории тасдиқшуда, ки дар ҳолати ба миён омадани баҳсу мунозира бо дигар муассиса ё ихтирӯкор ба сифати далел истифода бурда шуданашон мумкин аст, нигоҳ дошта шаванд.

## «Марҳилаи имтиёз» чист?

Қонунгузории бисёр давлатҳо «марҳилаи имтиёзии» (аз 6 то 12 моҳ аз санаи ошкор кардани моҳияти ихтироъ аз ҷониби ихтирокор ва ё аризадиҳанда то пешниҳоди арзнома), дар давоме, ки ихтироъ ба ошкор гардиданаш нигоҳ накарда патенпазириро нигоҳ медорад, пешбинӣ намудаанд. Дар чунин давлатҳо моҳияти ихтироъро ошкор кардан мумкин аст, масалан, бо роҳи дар намоишгоҳҳои байналхалқӣ ва ё нашр дар каталог ва ё маҷаллаи техникӣ намоиш додани ихтироъ. Пешниҳоди арзнома ба патент дар давоми ин марҳилаи имтиёзӣ, ихтироъро аз патентпазирӣ, ва бинобар ҳамин, аз имконияти гирифтани патент ҳам маҳрум намекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи «имтиёз» 6 моҳро ташкил медиҳад. Лекин, азбаски коргузорӣ на дар ҳамаи кишварҳо чунин аст, умед ба муддати имтиёз дар кишвари Шумо мумкин аст барои патентноккунии ихтироъи Шумо дар кишварҳои хориҷӣ, ки қонунгузорӣ мавҷудияти муддати имтиёзро пешбинӣ накардааст, халал расонад



(I)

Арзномаи байналмилалии № PCT/EP02/05212 Ингибиторҳои ВИЧ-протеазҳо дар асоси 2-амино-бензоксазол сулфонамиди спектри васеъи таъсирдошта.

## Арзномаҳои пешакӣ ба патент

Дар якчанд давлатҳо (аз ҷумла Австралия, Канад, Ҳиндустон ва ИМА) аризадиҳандагон имконият доранд арзномаи пешакӣ ба патент пешниҳод кунанд. Арзномаи пешакӣ ба патент ба сифати нисбатан имконияти арзонтар барои патенкунонии аввалӣ пешниҳод карда мешавад. Барои пешниҳоди арзномаи пурарзиш ба патент, аризадиҳанда имконият дорад 1 сол интизор шавад. Системаи арзномаҳои пешакӣ ба патент дар кишварҳои гуногун якчанд фарқият доранд, вале хусусияти умумии онҳо инҳо мебошанд:

- Арзномаҳои пешакӣ ба патент, чун қоида, санҷиши моҳиятӣ намегиранд;
- Боҷи давлатӣ барои пешниҳоди арзнома назар ба боҷи барои пешниҳоди арзномаи пурра ба патент талабшаванда камтар мебошад;
- Дар арзномаҳои пешакӣ формулаи ихтироъ талаб карда намешавад. Танҳо тавсифномаи пурраи ихтироъро овардан лозим аст.

## Арзнома ба патент аз чӣ иборат аст?

Арзнома ба патент функсияҳои зеринро иҷро мекунад:

- Ҳаҷми ҳуқуқҳои патентиро муайян мекунад;
- Моҳияти ихтироъро, аз ҷумла маълумоти заруриро барои татбиқи ихтироътавсиф медиҳад; ва
- Маълумотро оиди ихтирокор, дорандаи патент ва дигар иттилоотро меорад.

Мазмуни (мундариҷаи) арзнома ба патент дар тамоми кишварҳо якхела аст ва он аз ариза, тавсифномаи ихтироъ, формулаи ихтироъ, нақшаҳо (агар зарур бошанд) ва реферат иборат аст. Ҳаҷми арзнома метвонад аз якчанд саҳифа сар карда то чандсад саҳифаро, вобаста аз ихтироъи арзшуда ва сатҳи техника, ташкил диҳад.

### Ариза

IМаълумотро оиди номи ихтироъ, санаи пешниҳод, санаи аввалият ва маълумоти библиографӣ, масалан, ном ва суроғаи аризадиҳанда ва ихтирокорро дорад.

### Тавсифи ихтироъ

Тавсифномаи хаттии ихтироъ бояд моҳияти ихтироъро пурра кушояд, то ин ки мутахассиси ин соҳаи техника тавонад онро танҳо дар асоси тавсифнома ва нақшаҳо, бе ягон саъю кӯшиши (қудрати, ҷидду ҷаҳди) эҷодии иловагӣ, созад ва иҷро кунад. Дар акси ҳол патент дода намешавад ва ё он метавонад дар рафти баррасии судӣ, бекор карда шавад.

### Формулаи ихтироъ

Формулаи ихтироъ ҳаҷми пешниҳодмешудаи ҳифзи патентиро муайян мекунад. Формулаи ихтироъ аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки, агар вай нодуруст тартиб дода шуда бошад, ҳатто ихтироъи қиматбаҳотарин ҳам метавонад ҳифзи патентии бефоида гирад, ки метавонад аз ҷониби дигарон ба осони истифода бурда шавад.

Дар муорифаи судӣ, таҳлили формулаи ихтироъ, аслан ҳангоми муайянкунии ҳаҷми ҳуқуқ ба патент ва имконияти вайронкунии онҳо, зинаи аввал мебошад. Ҳангоми тартибдиҳии арзнома ба патент, хусусан формулаи ихтироъ, исроркорона тавсия дода мешавад, ки аз ёрии мутахассиси боихтисос истифода баред.

### Мисоли формулаи ихтироъ:

Ду банди аввали формулаи ихтироъ ба патенти ИМА № 4641349 «Системаи дарёфткунии инабия»::

1.Тарзи муайян кардани шахсият, ки дар он: маълумоти тасвирии, камаш, ба қисми инабия ва мардумаки (гавҳараки) чашми инсон дахл доштаро муайян мекунанд; чашми шахси номуайянро, ки инабия ва гавҳарак дорад мунаввар (пурнур) мекунанд; камаш тасвири ҳамон қисми инабия ва мардумаки шахси идентификацияшавандаро (ҳаммонанд, айният, баробар) мегиранд; ва камаш қисми инабияи тасвири ҳосилшударо бо маълумоти тасвирии нигоҳдошташуда барои муайян кардани шахсияти шахси идентификатсияшаванда муқоиса мекунанд.

2. Тарз аз рӯи банди 1, ки дар он мунавваркунӣ аз овардани мардумаки чашм, камаш ба як андозаи пешаки муқарраршуда, муқоиса, камаш, қисми инабияи тасвири ҳосилшуда бо маълумоти тасвирии нигоҳдошташуда, ки аз чашм бо мардумаки ӯ, ки ҳамон андозаи пешаки муқарарашударо дорад, иборат мебошад.

### Нақшаҳо

Нақшаҳо баъзе хусусиятҳои техникии ихтироъро ба таври аёнӣ шарҳ медиҳанд. Онҳо маълумоти дар тавсифномаи ихтироъ овардашуда, восита ва ё натиҷаи ҳосилшудаи истифодабарандаро, тасвир мекунанд. Нақшаҳо аслан қисми ҳатмии арзнома нестанд.

Агар ихтироъ ба тарзи иҷрои ягон чиз тааллуқ дошат бошад, дар ин ҳолат нақшаҳо талаб карда намешаванд. Агар нақшаҳо оварда шаванд, талаботҳо ба онҳо аз рӯи қоидаҳои муқарраршуда танзим карда мешаванд.

### Мисоли нақша:




Патенти № DE1023179, ки ба домкрат ва ё «Сохтор барои фасл кардани шинаҳо» дода шудааст. Ихтироъ домкрати навро барои боло бардоштани чархҳои зерресорадори автомобил. Он конструксияи танбаи (такягоҳӣ) (11), бо чанбари (қасқони) берунаи (4) чарх васлшударо дорад. Домкрат бевосита чархро ҷой иваз мекунад, на ин ки кузови автомобилро. Бинобар ҳамин барои аз замин канда шудани чарх болобарории на чандон баланди домкрат кифоя аст.

### Реферат

Реферат шарҳи кутоҳи моҳияти ихтироъро дорад. Агар патентро идораи патентӣ нашр кунад, реферат дар саҳифаи аввал ҷой дода мешавад. Баъзан реферат аз ҷониби эксперти идораи патентӣ таҳрир карда мешавад ва ё ҳатто аз нав тартиб дода мешавад.

www.wipo.int/sme/

## Барои гирифтани ҳифзи патентӣ чӣ қадар вақт лозим аст?

Вақте, ки идораи патентӣ барои додани патент талаб мекунад, дар давлатҳои гуногун моҳиятан фарқ мекунанд ва вобаста аз сатҳи техника метавонад аз якчанд моҳ то якчанд солро, аслан ин мӯҳлат аз 2 то 5 солро ташкил медиҳад. Баъзе идораҳои патентӣ системаи таҷилии санҷишро доранд, ки дар як қатор ҳолатҳо пас аз муроҷиати аризадиҳанда гузаронида мешавад.



Арзномаи байналмилалии № PCT/FR/2004/000264. Сохтор барои идоракунии баландии парвози радиф (мушак) бо ёрии ҳаракатоварҳои гигроскопӣ (намкаш).

### Тасҳеҳи патент

Пас аз баровардани қарор оиди додани патент мувофиқи мақсад аст матни патентро барои боварӣ ҳосил кардан дар набудани хатогиҳо ва ё калимаҳои афтида, хусусан дар формулаи ихтироъ, тасҳех намоед.

## Ихтироъ аз кадом лаҳза ҳифз карда мешавад?

Ҳуқуқҳои шумо танҳо аз санаи додани патент амал мекунанд, ки аз ҳамин лаҳза сар карда, барои ғайриқонунӣ истифода бурдани ихтироъи шумо аз ҷониби шахсони сеюм даъво барангехтан, мумкин аст. Дар баъзе давлатҳо пас аз додани патент, таъқиби вайронкунандагони ҳуқуқ бо тартиби судӣ ва нисбати ҳуқуқвайронкунандагоне, ки дар марҳилаи нашри арзнома ба патент (одатан дар давоми 18 моҳ пас аз пешниҳоди арзнома) ва санаи додани патент ҷой дошт, мумкин аст. Чун қоида, имконияти талаб кардани ҷуброн барои истифодаи патент дар фосилаи байни нашр ва додани он мавҷуд аст. Аммо, на дар ҳамаи давлатҳо кор чунин аст. (Маълумоти иловагӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ дар саҳ. 39-41 оварда шудааст).

Дар баъзе давлатҳо арзномаро ба патент, ҳамчунин ба модели муфид нисбати ҳамон як ихтироъ, пешниҳод кардан мумкин аст. Дар баъзе мавридҳо, ин корро бо мақсади гирифтани ҳуқуқи патентӣ ба модели муфид (чун қоида, тартиби зуддтари гирифтан) ба амал мебароранд, то он даме патент ба ихтироъ дода нашавад.

## Мӯҳлати ҳифзи патент чанд вақт аст?

Стандарти муосири байналмилалӣ мӯҳлати 20 солаи ҳифзи патентро аз санаи пешниҳоди арзнома, ба шарти пардохти саривақтии боҷ барои ба эътибор нигоҳ доштани амали патент ва набудани қарор дар бораи бекор кардан ва ё беэътибор донистани патент, пешбинӣ менамояд.

Азбаски, гуфтаҳои дар боло зикршуда ба эътибори патент тааллуқ доранд, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ бояд қайд кард, ки мавҷудияти тиҷоратӣ ва ё иқтисодии патент қатъ мегардад, агар технологияи патентноккардашуда кӯҳна шавад ва ихтироъ наметавонад дигар бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода бурда шавад, чунки маҳсулоти на асоси он сохташуда дигар дар бозор талабот (эҳтиёҷ) надорад. Дар ҳамаи чунин ҳолатҳо дорандаи патент метавонад барои қатъи пардохти боҷ барои ба эътибор нигоҳ доштани амали патент қарор қабул кунад, ки ин ба пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ҳифзи ҳуқуқии то ба охиррасии мӯҳлати 20 сола ва гузаштани патент ба сарвати ҷамъиятӣ оварда мерасонад.

Дар баъзе давлатҳо ҳифз метавонад аз мӯҳлати 20 сола ҳам дарозтар карда шавад, ва ё дар баъзе мавридҳо метавонад Шаҳодатномаи ҳифзи иловагӣ (SPC) дода шавад. Ин, аз ҷумла, тааллуқ дорад ба патент ба маводҳои фармасевтӣ дар натиҷаи кам шудани мӯҳлати ҳақиқии истифодаи онҳо, ки аз вақт вобастагӣ дорад, барои гирифтани иҷозат барои баровардани (истеҳсоли) чунин маҳсулот, ки аз мақомоти салоҳиятдор гирифта мешавад, зарур аст. SPC мӯҳлати эътибори маҳдуд дорад, чун қоида, на зиёда аз 5 сол.

### Арзномаҳои ба патент баррасӣ нашуда

Аксарияти корхонаҳо маҳсулоти худро бо суханҳои «арзномаи баррасӣ нашуда» ва ё «ҳифзи патентӣ арз карда шудааст» ва баъзан бо роҳи нишон додани рақами чунин арзнома тамғагузорӣ мекунанд, ки дар он ихтироъе истифода шудааст, ки ба он арзномаи патентӣ пешниҳод шуда буд. Пас аз додани патент, корхона беш аз ҳама дастурҳоро нисбат ба он, ки маҳсулот патентнок карда шудааст, баъзан бо овардани рақами патент, дохил мекунанд. Ҳарчанде, ки чунин дастурҳо аз вайронкунии ҳуқуқ ягон ҳифз пешниҳод намекунанд, онҳо метавонанд, дар якҷоягӣ ва ё қисман, воситаи аз ҷониби дигарон худдорӣ кардани нусхабардории маҳсулоти инноватсионӣ шаванд.

## Оё барои пешниҳоди арзнома ба патент намояндаи патентӣ шарт аст?

Тартиб додани арзнома ба патент ва бурдани коргузорӣ то додани патент вазифаи аз аз ҳама мураккаб мебошад. Муроҷиат барои гирифтани ҳифзи патентӣ дар назар дорад:

- Гузаронидани ҷустуҷӯ нисбати сатҳи техника бо мақсади дарёфт кардани ҳалли техникии маълум, ки метавонад ихтироъро аз патентпазирӣ маҳрум кунад;
- Тартиб додани формула ва тавсифномаи пурраи ихтироъ, ки дар он истилоҳи ҳуқуқӣ ва техникӣ мувофиқ аст;
- Бурдани мукотиба бо идораи патентии миллӣ ва ё минтақавӣ, аз ҷумла, дар зинаи гузаронидани санҷиши моҳиятии арзнома ба патент;;
- Ба арзнома дохил кардани ислоҳоти зарурие, ки идораи патентӣ талаб мекунад.

Ҳамаи ин дониши чуқури ҳуқуқи патентӣ ва таҷрибаи кории идораи патентиро талаб мекунад. Бинобар ҳамин, ҳатто агар чунин ёрии ҳуқуқӣ ва ё техникӣ, чун қоида ҳатмӣ набошад ҳам, он исроркорона тавсия дода мешавад. Аз хизмати намояндагони патенти, ки малака ва дониши ҳуқуқии мутобиқ доранд, ҳамчунин, дар он соҳаи техникае, ки ихтироъ ба он дахл дорад, ихтисоси техникӣ доранд, истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Қонунгузории аксарияти давлатҳо талаб мекунад, ки аризадиҳандагони хориҷӣ намояндагони худро аз ҳисоби намояндагони патентии бақайдгирифташуда, ки дар ин давлат доимӣ зиндагӣ мекунанд, таъин намоянд. Чунин талабот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад.



Патенти № EP1165393. Патент ба номи Торбен Фланбаум, ки ба «Сохтор барои дар як вақт рехтани моеъ аз зарф ва омехтани ҳаво бо моеъ» дахл дорад, ба номи Menu A/S, КХМ даниягӣ иҷозатнома дода шуда буд. Сохтори мазкур аз ҳама моли серистеъмоли (маъмули) корхона мегардад.

## Оё мумкин аст, ки як арзнома пешниҳод карда, ба якчанд ихтироъ ҳифз гирифт?

Аксарияти қонунҳои патентӣ нисбати миқдори ихтироъҳое, ки метавонанд дар як арзнома ҷой дода шаванд, маҳдудиятҳои муайян муқаррар менамоянд. Ин маҳдудиятҳо талаботи ягонагии ихтироъ мебошанд. Қонунҳои патентии як қатор давлатҳо нисбати ягонагии ихтироъ (масалан ИМА) талаботҳои хоси худро доранд. Мисолҳои қонунгузории патентии (Конвенсияи патентии Европоӣ ва Шартномаи ҳамкории патентӣ) мавҷуданд, ки ба як арзнома ворид кардани гурӯҳи ихтироъҳоро, ки «ғояи ихтирокории умумиро доранд, иҷозат медиҳанд. Ҳангоми набудани ягонагии ихтироъ, аз аризадиҳанда талаб карда мешавад, ки ё формулаи ихтироъро маҳдуд намояд ва ё арзномаи асосиро ба якчанд арзнома (арзномаҳои ҷудокарда) тақсим намояд. Дар натиҷаи мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар баъзе давлатҳо ба патент пешниҳод кардани як арзнома кифоя аст, ҳангоме, ки дар давлатҳои дигар барои гирифтани ҳамин гуна ҳаҷми ҳуқуқӣ зарур аст, ки ду ва ё зиёда арзнома ба патент пешниҳод бояд кард.

### Маълумоти ҷамъбасти барои худсанҷӣ.

- **Оё ихтироъи шумо патентпазир аст?** Нисбати сатҳи техникаи маълум ҷустуҷӯ гузаронед ва маълумоти манбаҳои патентиро дуруст истифода намоед.
- **Пешниҳоди арзнома ба патент.** Зарурати истифодаи ёрии намояндаи патентиро, ки дар соҳаи техникаи дахлдор, хусусан тартиб додани формулаи ихтироъ салоҳиятдор аст, фикр кунед.
- Интихоби вақти пешниҳоди арзнома. Сабабҳое, ки саривақт пешниҳод кардан ва интихоби вақти хубтаринро барои пешниҳоди арзнома ба патент муайян мекунанд, фикр кунед..
- Пеш аз вақт маълумотро оид ба моҳияти ихтироъ ошкор насозед, то ин ки патентпазирии онро зери хатар нагузоред.
- **Боҷҳо барои баэътибор нигоҳ доштани патент.** Зарурати сари вақт пардохт кардани боҷро барои баэътибор нигоҳ доштани ҳамаи патентҳо дар ёд доред.

# 3. ПАТЕНТНОККУНИИ ХОРИҶӢ

## Барои чӣ ихтироъро дар хориҷа патентнок мекунанд?

Патентҳо ҳуқуқҳоеро ифода мекунанд, ки эътибори территориявӣ доранд, яъне ихтироъ танҳо дар мамлакатҳо ва ё минтақаҳое ҳифз карда мешавад, ки дар он ҷо ҳифзи патентӣ гирифта шуда буд. Бо суханҳои дигар, агар патенте, ки дар ин ё он мамлакат амал мекунад гирифта нашуда бошад, ихтироъ дар он давлат ҳифз карда намешавад. Ин ба дигар ширкатҳо имкон медиҳад, ки дар он мамлакат маҳсулоти дар асоси ин ихтироъро истеҳсол кунанд, истифода баранд, ворид кунанд ва ё фурӯшанд.

Ҳифзи патентӣ дар мамлакатҳои хориҷа ба корхонаи шумо иҷозат медиҳад, ки дар ин мамлакатҳо ҳуқуқи истисноиро ба ихтироъи патенткунонидашуда истифода баред. Ба ғайр аз ин патентнокукунонии хориҷӣ имкон медиҳад, ки ба ширкатҳои хориҷӣ ба ихтироъро литсенция (иҷозатнома) диҳед, робитаро бо муассисаҳои хориҷӣ рушд диҳед ва якҷоя бо онҳо ба бозорҳои ин мамлакат рухсат гиред




Арзномаи байналхалқии № PCT/US02/12182. Сохтор барои модификатсияи системаи идоракунии фосилавӣ.

## Кай патентноккунии хориҷиро сар кард?

Санаи пешниҳоди арзнома ба ихтироъ, санаи аввалият ном дорад ва ҳар як арзномаи оянда, ки дар асоси он ба мамлакатҳои дигар дар давоми 12 моҳ (яъне дар давоми марҳилаи аввалият) пешниҳод карда мешавад, нисбати арзномаҳо ба ҳамин хел ихтироъ, ки шахсони дигар пас аз санаи аввалият пешниҳод кардаанд, ҳамин аввалиятро истифода мебаранд. Исроркорона тавсия дода мешавад, ки арзномаро ба патент ба мамлакатҳои хориҷа дар давоми муддати аввалияти нишондодашуда пешниҳод кунед.

Бо итмом расидани мӯҳлати аввалият ва то он даме, ки патент бори аввал аз ҷониби идораи патентӣ (асосан пас аз 18 моҳ аз санаи аввалият) нашр мешавад, шумо метавонед кушиш кунед то ҳифзи ихтироъро дар дигар мамлакатҳо гиред, вале шумо аллакай наметавонед аввалияти дар арзномаи пештара муқарраршударо истифода баред. Ҳамин тавр, ҳамин ки моҳияти ихтироъ ошкор ва ё нашр шуд, шумо аллакай наметавонед дигар ҳифзи ҳуқуқиро дар давлатҳои хориҷа, бинобар гум шудани навӣ, гиред.

## Ихтироъро дар куҷо бояд ҳифз кард?

Азбаски ҳифзи ихтироъ дар бисёри давлатҳо кори пуркимат аст, корхонаҳо бояд дақиқ он мамлакатҳоеро интихоб кунанд, ки дар он ҷо дар ҳақиқат гирифтани ҳифзи патентӣ зарур аст. Дар поён баъзе ҷиҳатҳои муҳим ҳангоми интихоби мамлакатҳои патенткунанда оварда шудааст:

- Дар кадом мамлакатҳо тиҷоратkунонии маҳсулоти патенткунонида имконпазир аст?
- Бозорҳои асосӣ барои маҳсулоти шабеҳ чиро ифода мекунанд?
- Кадом хароҷотҳо бо патентнокукунӣ дар ҳар як мамлакат ва ҷудо кардани маблағ ба ин мақсад алоқаманд аст?
- Рақибони асосӣ фаъолияти худро дар кадом мамлакатҳо иҷро мекунанд?
- Дар қаламравӣ кадом мамлакат маҳсулот тайёр карда мешавад?
- Таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқҳои патентӣ дар ҳар як мамлакат то чӣ андоза мушкил мешавад?



Арзномаи байналхалқии № PCT/IT98/00133. Ихтироъи тарзи нави коркарди суфии (карбоси) лифи дарахт ба гулгулшукуфии ширкати итолиёии Grindi SRL., ки ба ҳуқуқи истисноии бо патент барои тиҷоратkунонии матои нав вогузор шудааст, гумондор аст, мусоидат мекунад.

## Ҳифзи патентиро дар хориҷа чӣ тавр бояд гирифт?

Се тартиби асосии гирифтани ҳифзи ихтироъ дар хориҷа вуҷуд дорад:

**Тартиби миллӣ.** Мумкин аст ба идораи патентии миллии ҳар як давлате, ки ба он рағбат доред, муроҷиат намуда, бо пардохти боҷи муқарраршуда ва бо забони талабшаванда, арзнома ба патент пешниҳод намоед. Агар сухан дар бораи шумораи зиёди давлатҳои патенткунанда равад, ин роҳ метвонад хеле душвор ва гаронбаҳост бошад.

**Тартиби минтақавӣ.** Агар як қатор давлатҳо аъзои системаи патентии минтақавӣ бошанд, дар қаламрави ҳамаи ва ё якчанд аз ин давлатҳо, ба идораи минтақавии дахлдор арзнома пешниҳод намуда, ҳифзи патентро пурсидан мумкин аст. Идораҳои патентии минтақавӣ инҳо мебошанд:

- Созмони африқоии моликияти зеҳнӣ (OAPI) (www.oapi.wipo.net);
- Созмони минтақавии африқоии моликияти саноатӣ (ARIPO) (www.aripo.org);
- Созмони патентии евроосиёӣ (EAPO) (www.eapo.org);
- Идораи патентии европоӣ (ЕПВ) (www.epo.org); ва
- Идораи патентии Иттиҳоди доир ба ҳамкории кишварҳои Халиҷ (www.gulf-patent-office.org.sa).

Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои конвенсияи патентии Евроосиёгӣ мебошад ва метавонад ҳифзи патентиро дар қаламрави тамоми ва ё якчанд давлатҳо-иштирокчиёни конвенсияи патентии Евроосиёгӣ, ба воситаи ММПИ ба ЕАПО арзнома пешниҳод карда, пурсад.

www.wipo.int/sme/

**Тартиби байналхалқӣ.** Агар корхонаи шумо хоҳад, ки имконияти гирифтани ҳифзи ихтироъро дар аксарияти давлатҳои иштирокчии Шартномаи ҳамкории патентӣ (PCT) истифода барад, бояд оиди пешниҳоди арзномаи байналмилалии PCT андешад. Барои он, ки ба ин ҳуқуқ дошта бошед, ҳатман (бояд) ё шаҳрванд ва ё ҷои истиқомат дар давлати иштирокчии PCT дошта бошед ва ё корхона бояд дар ҳақиқат корхонаи саноатӣ ва ё тиҷоратии дар яке аз ин давлатҳо ҷойгиршуда бошад. Ба воситаи системаи PCT як арзнома пешниҳод карда истода, метавонед ҳифзи патентиро ба ихтироъ дар зиёда аз 140 давлат – иштирокчии PCT гиред (ниг. ба Замимаи II). Ин арзномаи байналмилалӣ метавонад ё ба идораи патентии миллӣ ва ё ба регионалии мамлакати шумо, ва ё «Идораи гиранда» дар чорчӯбаи PCT, ки Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ) ҳам, ки дар Женева, Швейцария ҷойгир шудааст, мебошад, пешниҳод карда шавад.



Арзномаи байналмилалии № PCT/US2001/028473. EnviroScrub Technologies Corporation КХМ америкоӣ буда, системаи PCT-ро барои гирифтани ҳифзи патентӣ дар як қатор бозорҳои хориҷӣ нисбати технологияҳо барои нест кардани моддаҳои ифлоскунандаи таркибӣ аз маҳсулоти сӯзиш ва ҷарайёнҳои саноатӣ, истифода мебарад. Истифодаи системаи PCT барои пешниҳоди арзнома ба патент дар хориҷа ба ширкати EnviroScrub имкон дод, ки доир ба фурӯши технологияҳо дар сатҳи байналмилалӣ шартномаи литсензионӣ бандад.

## Маълумоти ҷамъбасти барои худсанҷӣ.

- **Характери территориявии ҳуқуқ.** Фаромӯш накунед, ки патентҳо дорои ҳуқуқи характери территориявӣ мебошанд..
- **Мӯҳлати аввалият.** Аз марҳилаи аввалият барои гирифтани ҳифз дар хориҷа истифода баред, вале мӯҳлатҳои муқарраршударо нагузаронед, ки метавонад сабаби нагирифтани патент дар хориҷа гардад.
- **Дар куҷо бояд ҳифз пурсид?** Андешед, ки дар куҷо шумо аз ҳифзи гирифта, бо назардошти хароҷот ба он дар мамлакатҳои гуногун, фоида мегиред.
- **Чӣ тавр бояд ҳифз пурсид?** Оиди истифодаи системаи PCT барои осон кардани пешниҳоди арзнома, сарфи вақт ва гирифтани маълумот дар бораи патентпазирӣ, ки дар асоси он метавонед қарори худро нисбати тартиби оянда патентноккунии хориҷӣ асоснок намоед, андешед.



## Бартарии системаи PCT

Истифодаи системаи PCT камаш боз 18 моҳи дигари иловагӣ ба 12 моҳи аллакай вуҷуддоштаи мӯҳлати аввалият, ки дар давоми он метавонед имкониятҳои фурӯши тиҷоратии ихтироъро дар давлатҳои хориҷӣ омӯхта ва он мамлакатҳоеро, ки дар он ҷо дар ҳақиқат гирифтани ҳифзи патентӣ айни мақсад аст, муайян намоед, имкон медиҳад. Ҳамин тавр, мӯҳлат барои пардохти боҷ ва хароҷот барои тарҷумаи арзнома ба забонҳои миллии давлатҳои интихобшуда, дароз карда мешавад. PCT барои гирифтани мӯҳлати ҳар чи бештар барои қабули қарор доир ба интихоби мамлакати патенткунанда истифода бурда мешавад.

Аризадиҳандагон бо тартиби PCT ахбороти қимматбаҳо доир ба патентпазирии ихтироъҳои худ мегиранд, ки дар Ҳисоботи ҷустуҷӯи байналхалқӣ дар чорчӯбаи PCT ва Хулосаи мақомоти ҷустуҷӯи байналхалқӣ дмавҷуд мебошад. Ин ҳуҷҷатҳо ба аризадиҳандагон бо системаи PCT иттилоъ медиҳад, ки дар асоси он метавонанд нисбати айнимақсад будани давомдиҳии патентноккунонии хориҷӣ, қарор қабул намоянд. Ҳисобот оид ба ҷустуҷӯи байналхалқӣ номгӯи ҳуҷҷатҳои тамоми давлатҳои дунёро, ки ба сатҳи техника дахл доранд, дар бар мегирад. Дар хулосаи мақомоти ҷустуҷӯи байналхалқӣ патентпазирии ихтироъ бо назардошти ҳисобот оид ба ҷустуҷӯи байналхалқӣ баҳо дода мешавад..

Як арзномаи байналхалқии дар чорчӯбаи PCT бо як забон тартибдодашуда, ҳангоми пардохти боҷи ягона, дар тамоми давлатҳои PCT эътибори ҳуқуқӣ дорад. Ин хароҷоти аввалиеро, ки бояд ҳангоми пешниҳоди арзномаҳо алоҳида ба ҳар як идораи патентӣ пардохта мешуд, хеле кам мекунад. PCT-ро ҳамчунин барои пешниҳоди арзномаҳо ба системаҳои патентии минтақавӣ метавон истифода бурд. Дастурро нисбати он ки чӣ тавр арзномаи байналхалқиро бо системаи PCT пешниҳод бояд кард, дар идораи патентии миллии худатон ва дар сайти www.wipo.int/pct метавонед дастрас намоед.

## Схемаи тартиби пешниҳоди арзномаи PCT



## 4. ТИҶОРАТИКУНОНИИ ТЕХНАЛОГИЯҲОИ ПАТЕНКУНОНИДАШУДА

### Чӣ тавр технологияи патентнок кардашударо коммерсиализатсия бояд кард

Мавҷудияти патент дастрас кардани комёбиҳои тиҷоратиро кафолат намедиҳад. Патент танҳо воситаи бадастории имконият барои гирифтани даромадҳо аз ихтироот мебошад. Барои овардани фоидаи муфид ба корхона, бояд патент ҳатман самаранок истифода бурда шавад. Одатан, патент танҳо дар ҳолате даромад меорад, ки агар маҳсулоти бо патент устувор кардашуда бозоргир бошад ва ё ҳангоми бастани созишномаҳо ба баланд шудани нуфуз ва ҷолибияти корхона мусоидат намояд. Барои пешравии ихтироъи патентнок кардашуда дар бозор, якчанд алтернативаҳо мавҷуданд:

- Тиҷорати мустақилонаи ихтироъи патентнок кардашуда;
- Фурӯши патент ба дигар шахсон;
- Додани иҷозатнома ба дигар шахсон;
- Таъсиси корхонаи муштарак ва ё иттифоқи стратегӣ бо дигар корхонаҳое, ки активҳои шахсӣ доранд.

### Чӣ тавр маҳсули патентнок кардашуда дар бозор пеш меравад?

Муваффақияти тиҷоратии маҳсулоти нав дар бозор на танҳо аз характеристикаи техникии он вобаста аст. Аз ҳама барҷастатарин, аз нуқтаи назари техникӣ, ихтироъ, агар маҳсулот дар асоси он талабот надошта бошад, гумон аст, ки харидоронро ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, муваффақияти тиҷоратӣ ҳамчунин аз якчанд омилҳо вобаста аст, аз он ҷумла намуди зоҳирии мол, мавҷудияти воситаҳои пулӣ, коркарди стратегияи самараноки маркетингӣ ва нархи мол нисбат ба маҳсулоти рақобаткунанда ва ё ивазкунанда..

Барои пешбурди маҳсулоти инноватсионӣ дар бозор, сохтани нақшаи тиҷорати муфид аст. Нақшаи тиҷоратӣ воситаи самараноки таҳлили ба амалории ақидаҳои иқтисодӣ мебошад. Нақшаи тиҷорати саҳми назаррас барои ҷалби сармоя ва мусоидат ба пешбурди маҳсулотҳои муосир дар бозор мебошад. Дар нақшаи тиҷорати ворид намудани иттилоот оид ба патентҳо ва стратегияи патентии корхона муҳим аст, зеро иттилооти мазкур далели боэтимоди нав будани маҳсулоти корхона ва ҳолати молиявии он буда, инчунин имконияти вайрон кардани ҳуқуқҳои дигар шахсони патент доштаро паст менамояд.

### Оё патентро фурӯхтан мумкин аст?

Бале, инро мусодираи (гузашти) ҳуқуқ ба патент ба ихтироот меноманд, яъне сухан дар барои ба дигар шахс ба андозаи пурра додани ҳуқуқҳои истисноӣ ба патент меравад. Чунин қарор бояд бисёр бодиққат мулоҳиза карда шавад..

Агар Шумо ба ҷойи гузашт кардан ба патентатон иҷозатнома диҳед, метавонед то охири мӯҳлати амали патент фоида ба даст оред. Аз ҳамин сабаб иҷозатдиҳӣ метавонад аз нигоҳи молиявӣ ва стратегия бағоят ҷолиб бошад. Аз тарафи дигар, гузашт кардан аз патент ин чунин маъно дорад, ки Шумо бе ягон намуди пардохт дар намуди роялти, новобаста аз он, ки истифодабарии патент бо иҷозатнома то чӣ андоза даромаднок ҳаст ё не, мукофоти таъиншудаи яккарата мегиред.

Ҳолатҳое ҳам мешаванд, ки маҳз гузашти патент фоиданок аст. Агар патент барои як маротиба вогузор карда шавад, пас Шумо барои кам-кам (оҳиста-оҳиста) ҳама маблағи мукофотро гиредан 20 сол (максималӣ) интизор нашавуда, метавонед маблағи пешакӣ шартшударо якбора гиред. Шумо инчунин аз хавфе, ки патент метавонад бо технологияи дигар «танг карда» шавад, дар канор мемонед. Ба ғайр аз ин, вогузории патент ба корхонаи аз нав таъсисёбанда метавонад шарти пешакӣ барои кушодани маблағгузорӣ бошад, агар патент ба корхона тааллуқ надошта бошад.

Дар ҳар ҳолати дилхоҳ, қарор характери индивидуалӣ дорад ва ба талабот ва масъалаҳои аввалидараҷа, асос мегирад. Ба ҳар ҳол, аз рӯйи қоида, ба мусодира кардан патент тавсия дода намешавад, ва одатан дорандагони патент нигоҳ доштани ҳуқуқро ба ихтироотӣ худ ва додан иҷозатномаро беҳтар медонанд.

### Чи тавр ба шахсони дигар патент иҷозат дода мешавад?

Ҳангоме, ки дорандаи патент (соҳиби литсензия) ба шахси дигар (гирандаи литсензия) иҷозат медиҳад, ки дар шароити ҳамоҳанги ихтироъи патентноккардашударо истифода барад, ҳуқуқ ба ихтироъи бо патент ҳифз карда шуда, литсензия карда мешавад. Дар чунин мавридҳо, одатан ду ҷониб созишномаи литсензионӣ мебанданд, ки дар он шартҳо ва ҳудуди амали он эзоҳ дода мешавад.

Додани иҷозатнома ба шахсони дигар барои тиҷоратикунонии ихтироотӣ патентноккунонидашуда, ба воситаи шартномаи литсензионӣ, ба корхона имконият медиҳад, ки сарчашмаи иловагии даромад ёбад ва он дар худ воситаи васеъ барои гирифтани даромад аз ҳисоби хуқуқи истисноӣ ба ихтироотро дорад.

Хусусан гирифтани литсензия муфид аст, агар корхонаи дорои ихтироот бошад ва ё тамоман имконияти истеҳсоли маҳсулотро надорад ва ё онро ба миқдори кифоя барои қонеъ гарданидани талаботи бозори муайян истеҳсол карда наметавонад ва ё ноҳияи муайяни ҷуғрофиро бо маҳсулот пур мекунад..

Азбаски шартномаи лисензионӣ гузаронидани гуфтушунидҳо дар сатҳи касбӣ ва тартиб додани нақшаи созишномаро талаб мекунад, тавсия дода мешавад, ки аз хизмати ҳуқуқшиноси ихтисоснок, ки дар чунин корҳо таҷрибаи амалӣ дорад, истифода баранд ва ӯро барои иштирок намудан дар муҳокимаи шартҳои шартномаи литсензионӣ ва тартиб додани нақшаи он, ҷалб кунед. Дар баъзе давлатҳо талаб мекунанд, ки созишномаҳои литсензиониро дар мақомоти давлатӣ ба қайд гиранд.

Дар хотир бояд дошт, ки мувофиқи шартнома оид ба мусодираи патент, шартномаи лисензионӣ ба шакли хаттӣ сурат мегирад ва бояд дар Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Бе чунин бақайдгирӣ онҳо аз беэътибор дониста мешаванд.

## Барои истифодабарии патент кадом андозаи роялтиро гирифтан мумкин аст?

Дар созишномахои иҷозатномавӣ, соҳибҳуқуқ одатан мукофоти пулии яквакта ва/ва ё даврвавӣ мегирад, ки метавонад аз рӯи ҳаҷми фурӯши махсулоти иҷозатномадошта (роялти барои як маҳсулот) ва ё даромади тоза аз фурӯши он (роялти дар асоси даромади тоза) асос ёфтаанд, пешбинӣ мешаванд. Дар бисёр ҳолатхо мукофот ба литсензияи патентӣ омезиши харду шакл (яъне, мукофоти пули яквакта ва даврвавӣ) шуда метавонад. Баъзан ҳиссаи фоидаи ба даст овардаи литсензиат, ки аз ҷониби тарафҳо мувофиқа шудааст, метавонад роялтиро иваз намояд.

Новобаста аз оне ки барои соҳаҳои муайяни саноат миқдори стандартии роялтиҳо мавҷуд аст, бояд дар хотир дошт, ки ҳар як шартномаи литсензионӣ комёб аст ва миқдори роялти аз омилҳои муайян ва ниҳоят конкретӣ вобастагӣ дорад, ки мавзӯи шартнома ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин, чунин роялтиҳои стандартӣ аломати ибтидоиро ба ихтиёри худ гузоштаанд, ки набояд ба он умеде кард.



Арзнома ба патент барои таҷҳизоти мубодилаи гармӣ, ки аз ҷониби ихтирокори ҳинд ҷаноби Мил инд Ране пешниҳод гардидааст, мавзӯи шартномаи литсензионӣ бо КХМ, ки дар ш. Мумбай воқеъ буд, гардид. Бо назардошти шартҳои шартнома ихтирокор маблағи муайяне дар вакти бастани созишнома, инчунин даромад (фоида) (роялти) дар хачми 4,5 % аз ҳисоби фурӯши маблағи соф гирифт. Литсензиат инчунин хароҷоти вобаста ба пешниҳоди арзнома ва ба эътибор нигоҳ доштани патентро пардохт мекунад.

## Литсензияҳои истисноӣ аз ғайри истисноӣ бо чӣ фарқ мекунанд?

Вобаста аз ҳаҷми ҳуқуқҳои додашаванда, шумораи лицензиатҳо, ки ҳуқуқи истифодаи ихтироъро доранд ва ё имконияти гирифтани чунин ҳуқуқро доранд, ду намуди шартномаи литсензионӣ мавҷуд мебошад:

- иҷозатномаи (оддӣ) ғайриистисноӣ: (ба лицензиат имкон додани ҳуқуқи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ бо нигоҳ доштани ҳуқуқи лицензиат барои додани иҷозатнома ба шахсони дигар);
- иҷозатномаи истисноӣ: (ба лицензиат имкон додани ҳуқуқи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ бе нигоҳ доштани ҳуқуқи лицензиат барои додани иҷозатнома ба шахсони дигар)

Дар яке аз шартномаи литсензионӣ метавонад низомнома, ки ҳуқуқро дар доираи иҷозатномаи истисноӣ ва ҳуқуқро дар доираи иҷозатномаи ягона ва ё ғайриистисноӣ пешниҳод менамояд, бошад.



Тарзи патентноккардаи тозакунии қубурҳои обгузар, ки аз ҷониби таҳқиқотчиёни Донишкадаи миллии мустақили Мехико (UNAM) таҳия гардидааст, предмети (маводи) созишномаи бомуваффақият оид ба пешниҳод намудани иҷозатномаи ғайриистисноӣ, ки бо ширкати IB-Tech, бо мақсади расонидани қарорҳои навоварона дар самти тозакунии обҳои ифлос таъсис дода шудааст, баста шуд.



www.wipo.int/sme/

## Оё ба патент додани иҷозатномаи махсус ва иҷозатномаи истисноӣ шарт аст?

Ин аз намуди маҳсулот ва стратегияи таҷҳизотии ширкат вобаста аст. Масалан, агар технологияи стандарти хосе гардад, ки ба ҳамаи истеҳсолкунандагони намуди муайяни маҳсулот дар бозори мушаххас лозим бошад, аз ҳама беҳтар додани иҷозатномаи ғайриистисноӣ фоидаовар аст. Агар маҳсулот ба ягон ширкат лозим бошад ва истеҳсоли он барои оғози тиҷоратикунонии ихтироот сармоягузории зиёдро талаб намояд (масалан, дар ҳолати маҳсулоти дорусозӣ, ки барои гузаронидани озмоиши клиникавӣ сармоягузор талаб мешавад) иҷозатнома гири эҳтимолӣ метавонад муқобили мавҷудияти рақобат аз ҷониби иҷозатномагирони эҳтимолии дигар бошад ва ҳуқуқ дорад иҷозатномаи истисноиро талаб намояд.

## Барои иҷозатномагирии ихтироот кадом вақт беҳтар аст?

Барои иҷозатномагирии ихтирооат вақти муносиб вуҷуд надорад, чунки интихоби вақт дар ҳар гуна ҳолат аз вазъияти мушаххас вобаста аст. Бо вуҷуди ин, ба соҳибкор ё ихтироъкор дар аксарияти вақт мувофиқи мақсадаст, ки ҳарчи пештар иҷозатнома гирад то ин, ки дараҷаи даромадеро таъмин кунад, ки барои пӯшонидани хароҷот вобаста ба патентноккунӣ басанда бошад. Барои ин зарурат надорад, ки додани патентро интизор шавед.

Ба ғайр аз ин интихоби вақти мусоид, боз аз ҳама заруртар ёфтани шарики (шарикони) мувофиқ барои ба даст овардани фоида дар натиҷаи тиҷоратикунонидани ихтироати патентнокшударо пайдо кардан муҳим аст.

## Баҳодиҳии арзиши патент

Бисёр сабабҳое вуҷуд доранд, ки барои чӣ ширкат метавонад фоидаовар бошад ва ё бояд баҳодиҳии арзиши патентҳоро гузаронад, аз ҷумла, бо мақсади ба ҳисоби муҳосибӣ гузаштан, иҷозатномагирӣ, якшавӣ ва ё ба даст овардани ширкат, вогузорӣ ва ё хариди активҳои моликияти зеҳнӣ, ҳамчун ҷалби маблағҳои иловагӣ. Ҳарчанд, ки методи ягонаи баҳодиҳии дар ҳама ҳолатҳо истифодашавандаи арзиши патентҳо вуҷуд надошта бошад ҳам, методҳои зерин бо таври васеъ истифода мешаванд:

- **Методи даромад:** Методи аз ҳама бештар истифодашавандаи баҳодиҳии арзиши патентҳо. Методи мазкур бо назардошти даромадҳои эҳтимолие, ки соҳиби патент метавонад дар мӯҳлати амали патент ба даст орад, асос ёфтааст.
- **Методи хароҷотӣ:** Дар асоси ҳисоби хароҷотҳо вобаста ба тайёр кардани активи қиёсӣ дар дохил ё берун аз корхона арзиши патентро муайян менамояд.
- **Методи бозорӣ:** Ба дараҷаи муомилоти қиёспазир дар бозор асос ёфтааст.
- **Методи опсионӣ:** Ба методҳои нархгузории опсионӣ, ки аввал барои истифода ҳангоми нархгузории опсионии биржавї таҳия гардида буд, асос ёфтааст.

Бисёр омилҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро дар шакли миқдорӣ ифода кардан хело душвор аст, аммо онҳо метавонад ба арзиши патент таъир намоянд. Дар байни чунин омилҳо метавон ҳаҷми муҳофизат, ки аз формулаи ихтироъ вобаста аст ва ё мавҷуд будани қарорҳои дигари техникиро дар ин соҳа хотиррас намуд.

## Агар патенти рақиб зарур бошад, оё метавон барои истифодаи он иҷозат гирифт?

Гирифтани чунин ичозат барои истифодабарии маҳсулот ё тарзҳои истеҳсол на ҳама вақт кори осон ва мақбул аз нуқтаи назар хароҷот мебошад. Аммо, дар ҳолате, ки рақиби шумо дар навбати худ ба истифодаи патенти ширкати шумо ҳавасманд бошад, бояд дар бораи иҷозатномаи чандтарафа андеша кард. Иҷозатномаи чандтарафа бештар дар он соҳаҳои саноат васеъ паҳн гардидааст, ки дар он ҷо якчанд патенти ба як қатор ихтирооти иловагӣ, ба ду ва ё бештари рақибон таалуқ доранд. Чунин ширкатҳои рақобаткунанда мекушанд, ки барои худ фаъолияти озодро бо роҳи гирифтани ҳуқуқи истифодаи патентҳое, ки соҳибонашон рақибони онҳо мебошанд, таъмин намоянд, ҳамзамон ба рақибон ҳуқуқи истифодаи онҳоро вогузор менамоянд.

### Иттилооти љамъбастї барои худсанљї

- **Тиҷоратикунонӣ.** Агар шумо қарор қабул кунед, ки маҳсули инноватсиониро ба бозор бароред, вариантҳои гуногуни тиҷоратикунонии ихтироъи патенткунонидашударо андешед ва боварӣ ҳосил кунед, ки шумо бизнес-нақшаи дурандешона доред.
- **Иҷозатномадиҳӣ.** Маблағи роялти ва дигар хусусиятҳои шартномаҳои литсензионӣ мавзӯи гуфтушунидҳо мебошанд ва ҳангоми тартиб додани лоиҳаи шартномаҳои литсензионӣ ва ё гузаронидани гуфтушунидҳо доир ба бастани онҳо, айни мақсад аст ба хизмати мутахассисон шитобед..
- **Иҷозатномаи истисноӣ дар муқоиса бо ғайриистисноӣ.** Асосҳоро барои додани иҷозатномаи истисноӣ/ғайриистисноӣ, хусусан бо назардошти рушди технология ва бизнес-стратегияи ширкати худ фикр (андеша) кунед.
- **Иҷозатномаи чандтарафа.** Оё шумо метавонед патенти (патентҳои) худро барои дастрас шудан ба технологияҳои зарурии ба шахсони сеюм тааллуқдошта истифода баред, фикр кунед..

## 5. ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ПАТЕНТӢ

### Барои чӣ ҳуқуқҳои патентиро бояд ҳифз кард?

Агар Шумо дар истеҳсолот маҳсулоти нав ва ё такмилёфта, ки дар бозор комёб аст, бароред, комилан мумкин аст, ки рақибон дер ё зуд мекушанд маҳсулоти хусусияти айнан ва ё наздик ба маҳсулоти шумо мебаровардагӣ доштаро истеҳсол намоянд. Дар баъзе мавридҳо рақибон метавонанд дар натиҷаи ташкили миқёси бештари истеҳсолот, мавҷудияти васетари баромад ба бозор ва ё иҷозат ба ашёи арзонтарро доштан ва, ҳамин тавр, метавонанд маҳсулоти айнан ва ё моанадро бо нархи пасттар истеҳсол намоянд. Ин метавонад ба истеҳсолоти шумо таъсири ҷиддӣ расонад, хусусан агар дар гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаҳои конструкторӣ (КИТТК) барои эҷоди маҳсулоти нав ва ё такмилёфта, маблағи зиёд ҷудо карда бошад.

Ҳуқуқи истисноие, ки патент медиҳад, ба дорандаи патент имконият медиҳад ба рақибон истеҳсоли чунин маҳсулот ва ё истифодаи ин усулро монеъ шавад, ва ё амалҳои вайронкунии ҳуқуқи дорандаи патентро қатъ намояд ва ситонидани ҷуброни зарари расонидашударо талаб намояд. Барои муқаррар намудани далели вайронкунии ҳуқуқҳои патентӣ бояд исбот кард, ки ҳар як аломати формулаи ихтироъ ва ё эквиваленти он дар маҳсулот ва ё усуле, ки объектҳои вайронкунии ҳуқуқи шумо мебошанд, истифода мешаванд. Агар шумо гумон кунед, ки ихтироъи патенттонидаи шуморо истифода мебаранд, ҳифзи ҳуқуқҳо метавонанд фактори ҳалкунанда дар нигоҳдории бартарият (афзалияти) дар мубориза рақобатонаи сегменти (қисмати) бозор ва даромаднокии истеҳсолот гардад.

### Масъулияти ошкоркунии вайронкунандагони ҳуқуқҳои патентӣ ба дӯши кист?

Вазифаи асосӣ доир ба ошкоркунии вайронкунандагони ҳуқуқҳои патентӣ ба ӯҳдаи дорандаи патент аст. Дорандаи патент шуда, шумо доир ба ташкили назорат барои истифодаи ихтироъ дар бозор, доир ба ошкор намудани ҳар гуна вайронкунандаҳо чорабиниҳо мегузаронед ва нисбати онҳо, оё, чӣ тавр ва ба куҷо бояд нисбат ба вайронкунандагони ҳуқуқҳои патентӣ даъво пешниҳод намудан, қарор қабул менамоед. Ихтирокорони мустақил ва корхонаҳои (муассисаҳои) хурд ва миёна (КХМ) метавонанд доир ба вогузории иҷрои чунин чорабиниҳо (ва ё қисми онҳо) ба дорандаи иҷозатномаи (литсензияи) истисноӣ, қарор қабул намоянд.

Ҳар як амали дилхоҳро оид ба ҳифзи патент дар бозори миллӣ ва/ва ё беруна иҷро карда истода, айни мақсад аст ба ёрии ҳуқуқшинос, ки дар соҳаи ҳуқуқҳои патентӣ мутахассис аст, муроҷиат намоед (шитобед). Чунин ҳуқуқшинос ҳамчунин нисбати ин амалҳои вобаста ба хароҷот ва хатар, инчунин интихоби стратегияи беҳтарин кӯмак мекунад.

## Чӣ бояд кард, агар патентҳои шуморо шахсони дигар бе гирифтани иҷозат истифода баранд?

Агар шумо пиндоред, ки шахсони дигар патенти шуморо вайрон мекунанд, яъне бе иҷозати шумо онро истифода мебаранд, якум, ҳатман маълумотро дар бораи вайронкунандагон ва далелҳои аз ҷониби онҳо истифода шудани маҳсулот ва ё усули тайёр кардани он, ки объекти вайронкунии ҳуқуқ мебошад, ҷамъ намоед. Шумо бояд тамоми далелҳоро бо мақсади муайян намудани характер ва вақти оғози амалҳои худ ҷамъ намоед. Ҳамеша ҳуқуқшиноси босалоҳиятро, ки метавонад ба шумо барои қабули қарори дуруст нисбати вайронкунии ҳуқуқ ба ихтироъи патенткардаи шумо дахлдошта, мадад кунад, ҷалб намоед.

Дар баъзе мавридҳо, пас аз ошкор кардани далели вайронкунӣ, корхонаҳо афзал (беҳтар) медонанд ба вайронкунандаи тахминӣ хабарнома (маълум чун «мактуб оид ба манъи давом додани амалҳои зиддиҳуқуқӣ») фиристанд ва онҳоро оид ба вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқҳои худ хабардор кунанд.  Ин тартиб ҳангоми тасодуфан вайрон кардани ҳуқуқҳо, азбаски дар ин ҳолат чун қоида, вайронкунанда ё ин ки чунин фаъолиятро бозмедорад ва ё ин ки барои шурӯъ кардан ба гузаронидани гуфтугӯ оиди бастани шартномаи литсензионӣ розӣ мешавад, бисёр вакт таъсирбахш аст.

Бо вуҷуди ин, баъзан маҳз элементи ногаҳонӣ барои ба вайронкунанда барои пинҳон кардан ва ё нобуд кардани далелҳо фурсан надодан, тактикаи беҳтарин аст. Дар чунин ҳолатҳо, вайронкунандаро пешакӣ огоҳ накарда, ба суд суд муроҷиат кардан ва ба барои «мувакқатан манъ кардани судӣ», барои имконият доштан барои вайронкунанда ногаҳонӣ гузаронидани тафтишоти биноҳои хидматии ӯ бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, даъво додан бамаврид аст.  Суд метавонад аз вайронкунандаи гумоншаванда қатъ намудани фаъолиятҳои ғайриқонунии ӯро то гирифтани натиҷаҳои тафтишоти судӣ (ки метавонад моҳҳо ва ё солҳои зиёд давом кунад), талаб намояд. Аммо саволи он ки оё патент вайрон карда шудааст метавонад хеле мураккаб (мушкил) бошад ва бинобар ҳамин қарори мувофиқ метавонад танҳо дар чорчӯбаи коргузории судии моҳияти парвандаи мазкур бароварда шавад.

Агар ширкат қарор кунад, ки даъвои гражданӣ (шаҳрвандӣ) диҳад, судҳо одатан як қатор воситаҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳимояи судиро барои ҳалли масалаи ҷуброни зарар ба дорандагони ҳуқуқҳои патентиро пешниҳод менамоянд.  Ҳуқуқшиноси босалоҳият метавонад ба шумо иттилооти мувофиқро оиди ин масъала пешниҳод намояд.

Бо мақсади қатъ намудани воридоти молҳои патентҳоро вайронкунанда, баъзе давлатҳо, мақамоти гумрукии худро истифода бурда, метавонанд ба дорандагони патент имконияти татбиқи чораҳоро дар сарҳади давлатӣ ба чунин намуди молҳо, пешниҳод намоянд. Бо вуҷуди ин (дар баробари ин, дар айни замон) бисёр давлатҳо, танҳо дар ҳолатҳои воридоти молҳои қалбакии бо тамғаи молии бегона тамғагузорӣ шуда ва молҳои «дуздӣ»-и ҳуқуқи муаллифиро вайронкунанда, барои қабули чораҳои сарҳадӣ, мувофиқи ӯҳдадориҳои байналмилалиашон, имконият медиҳанд.

Ба сифати қоидаи умумӣ, агар шумо далелҳои вайрон кардани ҳуқуқҳоро ошкор кунед, бояд ҳатман ба машварати ҳуқуқии касбӣ муроҷиат намоед.

## Кадом имкониятҳо барои бе суд танзим кардани баҳсҳои ба вайронкунии ҳуқуқҳои патентӣ вобаста вуҷуд доранд?

Агар баҳс ба муносибати шумо бо ширкате дахл дошта бошад, ки шумо бо ӯ шартнома бастаед (масалан, шартномаи литсензионӣ), аввал, тафтиш кунед ки дар он модда дар бораи миёнаравӣ ҳаст ё не. Барои пешгири кардани ҷарайёни дуру дароз ва қиматбаҳои судӣ, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар чорчӯбаи миёнаравӣ, дар шартнома қоидаи махсуси танзими баҳсҳоро ворид намоед. Ҳангоми розигии тарафайн, чунин системаи алтернативии танзимшавандаи баҳсҳоро, чун миёнаравӣ, мумкин аст ҳатто агар дар шартнома моддаи мувофиқ мавҷуд набошад, ва ё шартнома умуман вуҷуд надошта бошад, истифода бурдан мумкин аст. Чун қоида, арбитраж бартарие дорад, ки он назар ба ҷарайёни судӣ камтар расмӣ буда ва аз ҷарайёни (тартиби) кӯтоҳтар иборат мебошад ва қарори арбитражӣ имконияти бештари маҷбуран амалӣ гардониданро дар микёси байналмилалӣ дорад. Бартарии миёнаравӣ аз он иборат аст, ки тарафҳо назоратро аз рӯи ҷарайёни батанзимдарории баҳсҳо нигоҳ медоранд. Аслан, миёнаравӣ барои нигоҳ доштани муносибатҳои расмии тарафайн бо корхонае, ки ширкати шумо метавонад ҳамкориро дар оянда рушд диҳад, кӯмак менамояд. Маркази СУМЗ доир ба арбитраж  ва миёнаравӣ хизматрасониро доир ба танзими алтернативии баҳсҳо пешниҳод менамояд. Маълумоти иловагиро доир ба арбитраж ва миёнаравӣ метавонед дар сайти arbiter.wipo.int/center/index.html пайдо намоед. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои арбитраж ва минаравӣ метавонед ба Маркази арбитраж ва миёнаравии палати савдову-саноатӣ Ҷумҳурии Тоикистон муроҷиат намоед. Маълумоти иловагиро метавонед дар сайти http://www дастрас намоед.



Патенти № GB2266045. «Зарф барои нӯшидан, ки барои истифода ба сифати косачаи машқӣ короям (боб) аст», дар тиҷорат ҳамчун косаи Anywayup® маълум аст, соли 1992 аз ҷониби ихтирокор/соҳибкор Мэнди Хаберман (Бритонияи Кабир) патенттонида шуда буд. Пас аз он, ки рақиб вайронкунии ҳуқуқро ба истифодаи маҳсулот сар кард, Мэнди Хаберман ба манъи судӣ ноил гардид, ки ба вайронкунии ояндаи ҳуқуқ ба патент монеъ шуд, ва оқибат корро дар чорчӯбаи тафтишоти бесуд танзим намуд.

### Маълумоти ҷамъбастӣ барои худсанҷӣ

- **Бодиққат бошед.** То андозе, ки мумкин аст, аз паси рақибон барои ошкор кардани ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳо поед.
- **Бикушед то мадади машваратӣ бигиред.** Пеш аз он, ки ба ягон амал шурӯъ намоед, аз намояндаи патентӣ маслиҳат гиред, чунки ҳар як қадами шумо метавонад ба натиҷаи тафтишоти судӣ таъсир расонад.
- **Танзими алтернативии баҳсҳо.** Роҳҳои бесуд танзим намудани баҳсҳоро фикр кунед ва қоидаҳои мувофиқи ба арбитраж ва миёнаравӣ дахлдоштаро дар шартномаи литсензионӣ ворид намоед.

## Web-сайтҳои муфид барои гирифтани маълумоти оянда:

Доир ба дигар масъалаҳои моликияти зеҳнӣ, ки ба фаъолияти муассисаҳо дахл дорад: www.wipo.int/sme
Умуман доир ба патентҳо:

**www.wipo.int/patent/en/index.html**

Доир ба ҷиҳатҳои амалие, ки ба пешниҳоди арзнома ба ихтироъ дахл дорад, ба номгӯи Web-сайтҳои идораҳои патентии миллӣ ва минтақавӣ, ки дар Замимаи I ва ё дар сайти

**www.wipo.int/directory/en/urls.jsp**

мавҷуд аст ниг.

Доир ба Шартномаи ҳамкории патентӣ:

**www.wipo.int/pct/en/index.html**

Доир ба синфбандии байналхалқии патентӣ:

**www.wipo.int/classifications/ipc/en**

Дар бораи арбитраж ва миёнарав□:

**http://arbiter.wipo.int/**

Доир ба хазинаҳои маълумоти интерактивии (патентҳо) идораҳои патентии миллӣ ва минтақавӣ:

**www.wi3po.int/ipdl/en/resources/links.jsp**

Доир ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи МЗ:

**www.wipo.int/enforcement**

Доир ба масъалаҳои аъзогӣ дар созишномаҳо, ки функсияи маъмуриро СУМЗ иҷро мекунад:

**www.wipo.int/treaties/en/index.jsp**



## ЗАМИМАИ I – Internet Addresses

### Суроғаи Web-сайтҳои Идораҳои патентии миллӣ ва минтақавӣ

| | |
|---|---|
| Австралия | www.ipaustrailia.gov.au |
| Австрия | www.patent.bmvit.gov.au |
| Албания | www.alpto.gov.al |
| Алҷазоир | www.inapi.org |
| Антигуа ва Барбуда | |
| Андорра | www.ompa.ad |
| Аморати мутаҳидаи Араб | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Арабистони Саудӣ | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Аргентина | www.inpi.gov.ar |
| Арманистон | www.armpatent.org |
| Африқои Ҷанубӣ | www.cipro.gov.za |
| Барбадос | www.caipo.org |
| Баҳрайн | www.gulf-patent-office.org.sa/bahrainframe.htm |
| Беларус | www.belgospatent.org/english/about/history.html |
| Белгия | www.mineco.fgov.be |
| Белиз | www.belipo.bz |
| Боливиё | www.senapi.gov.bo |
| Бенин | www.oapi.wipo.net |
| Бенилюкс | www.boip.int |
| Босния ва Ҳерсоговина | |
| Ботсван | www.aripo.org |
| Бразилиё | www.senapi.gov.bo |
| Британиёи Кабир | www.patent.gov.uk |
| Булғория | www.bpo.bg |
| Буркина-Фасо | www.oapi.wipo.net |
| Бурунди | www.oapi.wipo.net |
| Бутан | |
| Венгрия/Маҷористон | www.mszh.hu/english/index.html |
| Венесуэла | www.sapi.gov.ve |
| Ветнам | |
| Габон | www.oapi.wipo.net |
| Гамбия | www.aripo.org |
| Гана | www.aripo.org |
| Гондурас | |
| Гурҷистон | www.sakpatenti.org.ge |
| Дания | www.dkpto.dk |
| Замбия | www.aripo.org |
| Зеландияи Нав | www.iponz.govt.nz |
| Зимбабве | www.aripo.org |
| Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | www.uspto.gov |
| Изроил | www.justice.gov.il |
| Индонезия | www.dgip.go.id |
| Ирландия | www.patentsoffice.ie |
| Исландия | www.patent.is/focal/webguard.nsf/key2/indexeng.html |
| Испания | www.oepm.es |
| Итиходи аврупоӣ | www.oami.eu.int |

| | |
|---|---|
| Итолиё | www.uibm.gov.it |
| Камбодҷа | www.moc.gov.kh |
| Камерун | www.oapi.wipo.net |
| Канада | www.opic.gc.ca |
| Катар | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Кения | www.aripo.org |
| Кипр | www.mcit.gov.cy/mcit/drcor/drcor.nsf |
| Колумбия | www.sic.gov.co |
| Коста-Рика | www.registronacional.go.cr |
| Куба | www.ocpi.cu |
| Қазоқистон | www.kazpatent.org/english |
| Қирғизистон | |
| Кувайт | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Латвия | www.lrpv.lv |
| Лесото | www.aripo.org |
| Либерия | |
| Литва | www.vpb.lt |
| Лихтенштейн | www.european-patent-office.org |
| Лубнон | www.economy.gov.lb |
| Люксембург | www.etat.lu/ec |
| Мадагаскар Малави | www.aripo.org |
| Мали | www.oapi.wipo.net |
| Малайзия | www.mipc.gov.my |
| Марокаш | www.ompic.org.ma |
| Мексико | www.impi.gob.mx |
| Миср | www.egypo.gov.eg |
| Мозамбик | www.aripo.org |
| Монако | www.european-patent-office.org/patlib/country/monaco |
| Монтенегро | www.yupat.sv.gov.yu |
| Муғулистон | |
| Намибия | www.aripo.org |
| Непал | www.ip.np.wipo.net |
| Нигер | www.oapi.wipo.net |
| Нидерланд | www.octrooicentrum.nl |
| Норвегия | www.patentstyret.no |
| Озарбойҷон | |
| Олмон | www.dpma.de |
| Панама | www.digerpi.gob.pa |
| Перу | www.indecopi.gob.pe |
| Полша/Лаҳистон | www.business.gov.pl/Intellectual,property,protection,90.html |
| Португалия | www.inpi.pt |
| Руминия | www.osim.ro |
| Салвадор | www.cnr.gobs.sv |
| Сан-Марино | |
| Сан-Томе ва Принсипӣ | |
| Свазиленд | www.aripo.org |
| Сент-Винсент ва Герандиҳо | 196.1.161.62/govt/cipo/index.asp |
| Сенегал | www.oapi.wipo.net |
| Сербия | www.yupat.sv.gov.yu |





| | |
|---|---|
| Серра-Леоне | www.aripo.org |
| Сингапур | www.ipos.gov.sg |
| Словения | www.uil-sipo.si/Default.htm |
| Собиқ Ҷумҳурии Югославия-Македония | www.ippo.gov.mk |
| Созмони моликияти зеҳнии Африқ | www.oapi.wipo.net |
| Созмони патентии авросиёӣ | www.eapo.org |
| Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ | www.oapi.wipo.net |
| Сомалӣ | www.aripo.org |
| Судон | www.aripo.org |
| Сурия | www.himaya.net |
| Таиланд | www.ipthailand.org |
| Танзания | www.aripo.org |
| Того | www.oapi.wipo.net |
| Тоҷикистон | www.tipat.org |
| Тринидад ва Тобаго | www.ipo.gov.tt/home.asp |
| Тунис | www.inorpi.ind.tn |
| Туркия | www.turkpatent.gov.tr |
| Туркманистон | www.eapo.org |
| Уганда | www.aripo.org |
| Узбекистон | www.patent.uz |
| Украина | www.sdip.gov.ua |
| Умон | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Уругвай | www.dnpi.gub.uy |
| Ӯрдун | www.mit.gov.jo |
| Фаронса | www.inpi.fr |
| Федератсияи Русия | www.rupto.ru |
| Филиппин | www.ipophil.gov.ph |
| Финляндия | www.prh.fi |
| Хорватия | www.dziv.hr |
| Ҳиндустон | www.ipindia.nic.in |
| Чад | www.oapi.wipo.net |
| Чили | www.dpi.cl |
| Чин | www.sipo.gov.cn |
| Ҷопон | www.jpo.go.jp |
| Ҷумҳурии Африқои маркази | www.oapi.wipo.net |
| Ҷумҳурии Демократии Конго | www.oapi.wipo.net |
| Ҷумҳурии Доминикан | |
| Ҷумҳурии Чехия | www.upv.cz |
| Ҷумҳурии Исломии Эрон | |
| Ҷумҳурии Корея | www.kipo.go.kr |
| Ҷумҳурии Молдова | www.agepi.md |
| Ҷумҳурии Словакия | www.indprop.gov.sk |
| Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея | |
| Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос | www.stea.la.wipo.net |
| Ҷумҳурии Яман | www.most.org.ye |
| Шветсия/Суед | www.prv.se |
| Швейцария | www.ige.ch |
| Эстония | www.epa.ee |
| Юнон | www.obi.gr |
| Ямайка | www.jipo.gov.jm |

## ЗАМИМАИ II

### Иштирокчиёни Шартномаи ҳамкории патентӣ (PCT) )

(23.092011)

Австралия
Австрия

Албания
Алҷазоир
Андорра
Аморати муттаҳидаи Араб
Антигуа ва Барбуда
Армения
Африқои ҷанубӣ
Барбадос
Баҳраин
Беларус
Белгия
Белиз
Бенин
Босния ва Ҳертсоговина
Ботсван
Бразилиё
Булғория
Буркина-Фасо
Ветнам
Венгрия
Габон
Гамбия
Гана
Гондурас
Гурҷистон
Гвинея-Бисау
Гвинея
Гватемала
Гвинеяи Экваториалӣ
Гренада
Дания

Доминика
Замбия
Зеландияи Нав
Зимбабве
Иёлоти муттаҳидаи Амрико
Изроил
Индонезия
Ирландия
Исландия
Испания
Итолиё
Камерун
Канада
Катар
Кения
Кипр
Конго
Колумбия
Кот-д'Ивуар
Коста-Рика
Куба
Қазоқистон
Қирғизистон
Лаос
Латвия
Либерия
Лесото
Лихтенштейн
Литвия
Литва
Люксембург
Мадагаскар
Мавритания

Малави
Малайзия
Мали
Малта
Марокаш
Македония
Мексико
Миср
Мозамбик
Монако
Монголия
Намибия
Никарагуа
Нигер
Нигерия
Норвегия
Озарбойҷон
Олмон
Папуа-Гвинеяи нав
Перу
Полша
Португалия
Руминия
Руанда
Салвадор
Сан-Марино
Сан-Томе ва Принсип
Свазиленд
Сент-Ките ва Невис
Сент-Люсия
Сент-Винсент ва Гренадио
Сенегал
Сербия

Сера-Леоне
Сингапур
Словакия
Словения
Судон
Салвадор
Таиланд
Того
Тоҷикистон
Тринидад ва Тобаго
Тунис
Туркия
Туркманистон
Уганда
Узбекистон
Украина
Умон
Фаронса
Филиппин
Финляндия
Федератсияи Руссия
Хорватия
Ҳиндустон
Чад
Ченогория
Чили
Чин
Ҷопон
Ҷумҳурии Африқои марказӣ
Ҷумҳурии Сурияи Араб
Ҷазираҳои Комор
Ҷазираҳои Сейшел
Ҷумҳурии Доминика

www.wipo.int/sme/

Ҷумҳурии Чехия
Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея
Ҷумҳурии Корея
Ҷумҳурии Молдова
Ҷумҳурии муттаҳидаи Танзания
Шветсия
Швейтсария
Шоҳигарии муттаҳид
Шри-Ланка
Эстония
Эквадор
Юнон

Давлатҳо-аъзоён: 144.

Барои маълумоти навтарин (тозатарин) доир ба иштирокчиёни PCT ба суроғаи

**www.wipo.int/pct**

муроҷиат кунед.

Нашр дар силсилаи «Моликияти зеҳнӣ барои тиҷорат»:

1. Эҷоди (офаридани) нишон: Муқаддима ба мавзӯи «Тамғаҳои молӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 900.

2. Кушиш ба камолот: Муқаддима ба мавзӯи «Намунаҳои саноатӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 498.

3. Ояндаро ихтироъ намуда: Муқаддима ба мавзӯи «Патентҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 917.

4. Ибораи эҷодкунанда: Муқаддима ба мавзӯи «Ҳуқуқи муаллифӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 918.

Ҳамаи нашрияҳо дар мағозаи китоби электронии СУМЗ дар сайти: www.wipo.int/ebookshop мавҷуданд.

**Эзоҳ:** Иттилооте, ки дар дастурамали мазкур вуҷуд дорад, мақсади ба даст овардани маслиҳатҳои ҳуқуқии касбиро надорад. Мақсади асосии он бо пешниҳоди иттилооти хусусияташон умумӣ маҳдуд карда мешавад.

Ин китобча бо иҷозати пешакии расмии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ), дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба матни аслии англисӣ, ки дар сомонаи **www.wipo.int/sme/en/documents/guides./** дастрас аст, мувофиқ ва интишор шудааст.

Бинобар ин СУМЗ барои дақиқ ва дурустии матни мувофиқшуда ҷавобгар нест, чунки ин ҷавобгарӣ бар дӯши Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

**©ММПИ (с.2011)**
СУМЗ дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба тафсири англисизабонии аслӣ (с.2006) мебошад.
Ягон қисме аз нашрияи мазкур наметавонад интишор гардад ва ё бо ягон шакле ва ё бо ягон воситаи электронӣ ва ё механикӣ бидуни иҷозати хаттии дорандаи ҳуқуқи муаллиф вогузор карда шавад, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст.

www.wipo.int/sme/

Китобчаи мазкур мумкин аст бо миқдори нусхаи зарурӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи

734042, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, д.14-а.
Телефон: 8 (99237) 221-47-60,
телефон/факс 8 (99237) 221-71-54,
почтаи электронӣ: info@ncpi.tj

дархост карда шавад.

Барои иттилооти оянда ба **Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ** муроҷиат намоед:

Суроға::
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Телефон:
+41 22 338 91 11

Факс:
+41 22 733 54 28

Почтаи электронӣ:
wipo.mail@wipo.int

Ва ё Бюро доир ба ҳамоҳангсозӣ дар Ню-Йорк:

Суроға:
2, United Nations Plaza
Suite 2525
New York, N.Y. 10017
United States of America

Телефон:
+1 212 963 6813

Факс:
+1 212 963 4801

Почтаи электронӣ:
wipo@un.org

Нигаред ба веб-саҳифаи СУМЗ:
www.wipo.int

инчунин мағозаи электронии Сумз: :
www.wipo.int/ebookshop

Ва ё дар Шӯъбаи МСП:

Суроға:
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Факс:
+41 22 338 87 60

Почтаи электронӣ:
sme@wipo.int

Web page:
www.wipo.int/sme

**Рақами нашри ММПИ** 254
**Ноябри с. 2011**

Barbara Hintermann Geneva